

ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН МУДИРИ ДАФТАРИ МИНТАҚАВИИ СОЗМОНИ ҶАҲОНИИ ТАНДУРУСТӢ (WHO) БАРОИ АВРУПО ҲАНС ҲЕНРӢ КЛЮГЕРО БА ҲУЗУР ПАЗИРУФТАНД

с.2



ДАСТГИРИИ ТАБАҚАҲОИ ОСЕБПАЗИР ВА ШАХСОНИ ДОРОИ ҚОБИЛИЯТАШОН МАҲДУД

с.9



РАҚАМИКУНОНИИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН РУШД МЕКУНАД

с.11


# Паёми шифо

№10 (65) 31.10.2022 // www.moh.tj, info@moh.tj
payomi-shifo@mail.ru

Аз моҳи феврали соли 2018 нашр мешавад

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


*Аҳволи ман мапурс, ки бо сад ҳазор дард,*
*Мебоядам ба дарди дили дигарон расид.*

*Соиби ТАБРЕЗӢ*

## АЗ ФАЪОЛИЯТИ ВАЗОРАТ ВА ЗЕРСОХТОРҲОИ ОН ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2022 НАТИҶАГИРӢ КАРДА ШУД





## ЯКУМИН “КОНГРЕССИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТИББИИ ДАВЛАТҲОИ АВРУОСИЁ” БАРГУЗОР ГАШТ



**Бо мақсади рушди ҳамкориҳои минбаъда бо олимони сатҳи ҷаҳонӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи тахассусии мутахассисони соҳаҳои ҷарроҳӣ, гастроэнтрология, мадҳушкунӣ-эҳёгардонӣ, радиология, бемориҳои занона ва дил бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикон оид ба рушд рӯзҳои 21-22 октябри соли 2022 дар Маҷмааи тандурустии “Истиқлол” якумин “Конгресси байналмилалии тиббии давлатҳои Авруосиё” бахшида ба масъалаҳои афзалиятноки соҳаҳои ҷарроҳӣ, гастроэнтерология, мадҳушкунӣ-эҳёгардонӣ, радиология, бемориҳои занона ва дил баргузор гардид.**

(Давомаш дар саҳ.6)

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН МУДИРИ ДАФТАРИ МИНТАҚАВИИ СОЗМОНИ ҶАҲОНИИ ТАНДУРУСТӢ (WHO) БАРОИ АВРУПО ҲАНС ҲЕНРӢ КЛЮГЕРО БА ҲУЗУР ПАЗИРУФТАНД



**31 октябр дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Мудири Дафтари минтақавии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (WHO) барои Аврупо Ҳанс Ҳенрӣ Клюгеро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони ҷаҳонии тандурустӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат аз таҳкими ҳамкории дуҷониба изҳори қаноатмандӣ карда, вохӯрии имрӯзаро фурсати муносиб барои идомаи муколамаи созанда арзёбӣ намуданд.

Зимни мулоқот оид ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ, солимии аҳолӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон табодули андеша сурат гирифт.

Ба роҳбарияти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ҳамчун шарики устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешгирии ҳамагирии КОВИД-19 ва рафъи оқибатҳои он, бахусус кумакҳои он ниҳод ҷиҳати таъмини Тоҷикистон бо ваксинаҳои зидди ин бемории сироятӣ тариқи барномаи «КОВАКС» изҳори сипос карда шуд.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо масоили ҳамкорӣ дар самти таҳия ва татбиқи Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, «Барномаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи рушди муассисаҳои давлатии табобатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2025»-ро, ки барои рушди соҳаи тандурустӣ, дастрасии бештар ба хизматрасониҳои тандурустӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим, таъмини таҷҳизоти муосири тиббӣ ва ғайра равона гардидааст, баррасӣ карданд.

Таъкид гардид, ки Ҳукумати Тоҷикистон барои фароҳамсозии инфрасохтори мусоиди соҳаи тандурустӣ ва беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифат минбаъд низ татбиқи иқдомҳои зарурировро идома хоҳад дод.

Дар мулоқот ҳамчунин оид ба дигар масъалаҳои мубрами ҳамкории дуҷониба гуфтугӯ сурат гирифт.

Пас аз анҷоми мулоқот Мудири Дафтари минтақавии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро барои саҳми арзанда дар рушди соҳаи тандурустӣ, таъмини солимии ҷомеа ва талошҳои созанда ҷиҳати густариши робитаҳои Тоҷикистону Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, бо ҷоизаи Созмон сарфароз гардонданд.

## ВОХУРИИ ҶАМОЛИДДИН АБДУЛЛОЗОДА БО МУДИРИ ДАФТАРИ МИНТАҚАВИИ СОЗМОНИ ҶАҲОНИИ ТАНДУРУСТӢ (WHO) БАРОИ АВРУПО ҲАНС ҲЕНРӢ КЛЮГЕ

**Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода бо Мудири Дафтари минтақавии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (WHO) барои Аврупо Ҳанс Ҳенрӣ Клюге вохурӣ намуд.**



Нахуст Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии мамлакат Мудири Дафтари минтақавии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (WHO) барои Аврупо Ҳанс Ҳенрӣ Клюгеро ба Тоҷикистони биҳиштосо хайрамақдам гуфта, ҳамзамон номбурда аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарияти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ барои дастгириҳои пайвастаи соҳа, хосатан дар давраи пандемияи COVID-19 изҳори миннатдорӣ баён намуд.

Қайд карда шуд, ки Созмони ҷаҳонии тандурустӣ яке аз шариконӣ боэътимод ва муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши тандурустӣ ба шумор рафта, айни ҳол ҳамкории мутақобилан судманди кишвар бо ин ташкилоти бонуфӯз дар сатҳи хуб қарор дорад.

Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода иброз дошт, ки маҳз дар натиҷаи татбиқи сиёсати оқилона ва дурандешонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар маркази диққати давлат ва Ҳукумат қарор дошта, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар мамлакат тадбирҳои муҳиму саривақтӣ амалӣ шуда истодаанд.

Дар идомаи мулоқот ҷонибҳо доир ба роҳҳои густариши ҳамкориҳо дар бахшҳои гуногуни соҳаи тандурустӣ мубодилаи афкор намуда, ҳавасмандии хешро ҷиҳати густариши ҳамкориҳо иброз доштанд.

Баъдан, худи ҳамон рӯз Мудири Дафтари минтақавии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (WHO) барои Аврупо Ҳанс Ҳенрӣ Клюге ҳамроҳ бо роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии мамлакат ба ноҳияи Файзобод сафар намуда, бо фаъолияти Маркази саломатии "Дубеда"-и ноҳияи мазкур шинос шуд.

Зимни шиносой аён гардид, ки дар маркази саломатии мазкур барои хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, хосатан кӯмаки аввалияи тиббӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст ва табибони марказ бо истифода аз имконияти фароҳамгардида баҳри таъмини солимии аҳолӣ саҳми назарраси хешро мегузоранд.

Мудири Дафтари минтақавии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (WHO) барои Аврупо Ҳанс Ҳенрӣ Клюге зимни вохурӣ ба табибони маркази саломатии мазкур барои хизмати софдилона баҳри таъмини солимии аҳолӣ изҳори миннатдорӣ баён намуда, ба фаъолияти онҳо баҳои баланд дод.

Дар идомаи сафари корӣ Мудири Дафтари минтақавии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (WHO) барои Аврупо Ҳанс Ҳенрӣ Клюге ба Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» ташриф оварда, бо фаъолияти он шинос гардид.

Зимни боздид ба ҷаноби Ҳанс Ҳенрӣ Клюге иттилоъ дода шуд, ки соҳаи хизматрасонии тиббӣ ба модарон ва кӯдакон таҳти таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати мамлакат қарор дошта, дар ин самт дар кишвар як қатор барномаву ҳуҷҷати соҳавӣ амалӣ гардида истодаанд, ки ҳадаф ва мақсади онҳо таъмини хизматрасонии баландсифати тиббӣ ба модарону кӯдакон мебошад. Аз ҷумла дар Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» тамоми шароит ва имконоти мусоид дар ин самт муҳайё карда шудааст.



Бояд гуфт, ки дар назар аст, 1 ноябри соли равон Мудири Дафтари минтақавии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (WHO) барои Аврупо Ҳанс Ҳенрӣ Клюге ба ноҳияи Шаҳристон сафар намуда, бо фаъолияти муассисаҳои тандурустии ноҳияи мазкур шинос хоҳад шуд.

# АЗ ФАЪОЛИЯТИ ВАЗОРАТ ВА ЗЕРСОХТОРҲОИ ОН ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2022 НАТИҶАГИРӢ КАРДА ШУД

**13 октябри соли равон дар маҷлисгоҳи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба натиҷагирӣ аз фаъолияти вазорат ва зерсохторҳои он дар 9 моҳи соли 2022 ва нақшаҳо барои то охири соли ҷорӣ баргузор гардид, ки дар он Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми вазир Ғафур Муҳсинзода, муовинони вазир Шодихон Ҷамшед, Зулфия Абдусаматзода, Абдухолиқ Амирзода, ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Маҳмадшоҳ Гулзода, ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Убайдулло Қурбон, роҳбарони Хадамотҳои соҳавӣ, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, сардорони раёсатҳои тандурустии ВМКБ, Хатлон ва Суғд, роҳбарони марказҳои ҷумҳуриявӣ ва муассисаҳои тандурустии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва дигар кормандони соҳа иштирок намуданд.**



Нахуст Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаъолияти вазорат ва зерсохторҳои он дар 9 моҳи соли равон баромад намуд.

Аз ҷумла қайд гардид, ки дар давоми 9 моҳи соли 2022 дар соҳаи тандурустӣ тибқи дастуру супоришҳои Асосгузору сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чорабиниҳои зиёд баҳри беҳтар намудани нишондиҳандаҳои солимии аҳолӣ ва хизматрасониҳои тиббию иҷтимоӣ ба анҷом расонида шуданд.

“Боиси ифтихори кормандони соҳаи тандурустии кишвар аст, ки 1 сентябри соли равон бахшида ба Рӯзи дониш бо иштироки Президенти мамлакат бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯали ибни Сино ифтитоҳ гардид. Ҳамзамон дар ин рӯз зимни мулоқот бо кормандони соҳаи маориф ва тандурустии мамлакат Роҳбари давлат оид ба рушди минбаъдаи соҳаи тандурустӣ дар самти истифодаи технологияи муосири тиббӣ, беҳтарсозии заминаи моддию техникӣ, рушди дорусозӣ ва тарбияи кадрҳои тиббӣ, махсусан омода кардани иммунологҳо, генетикҳо, вирусологҳо, микробиологҳо ва ихтисосҳои барои саноати дорусозӣ зарурӣ дастуру супоришҳои саривақтӣ доданд”,-иброз дошт Ҷамолиддин Абдуллозода.

Иттилоъ дода шуд, ки дар 9 моҳи соли ҷорӣ бо мақсади рушди заминаи ҳуқуқии соҳа қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ” қабул гардида, бо қарорҳои дахлдори ҳукумат Тартиби мусоидати мақомоти давлатӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани кӯмаки тиббӣ ва протезию ортопедӣ дар мамлакатҳои дигар (26 феврали соли 2022, №58), Тартиби ташкили расонидани кӯмаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда (26 феврали соли 2022, №62), Тартиби расонидани кӯмаки тиббӣ ба шаҳрвандоне, ки таҳти таъсири шуоъҳои ионизатсияшуда қарор доштанд ва Тартиби хунгирӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии хун ва бофтаҳои шаҳрвандоне, ки таҳти таъсири шуоъҳои ионизатсияшуда қарор доштанд (26 феврали соли 2022, №61), Тартиби мушоҳидаи давлатии оморӣ аз ҷониби ташкилотҳои дахлдори тиббӣ дар соҳаи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил (26 февралии соли 2022, №59), Тартиби бо дорувории ройгон таъмин намудани шахсони гирифтори бемории сил ва ё вобаста ба он таҳти назорати диспансерӣ қарордошта барои ташхис ва табобати бемории сил (26 феврали соли 2022, №60), Тартиби таъмини кумаки тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони гирифтори бемориҳои руҳӣ (26 февраи соли 2022, №64), Тартиби гузаронидани экспертизаи тиббию иҷтимоӣ (26 апрели соли 2022, №177), Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ барои солҳои 2022–2027, (27 апрели соли 2022, №205) қабул гардиданд.

Ҳамзамон, дар ин муддат дар кишвар 104 муассисаҳои тандурустӣ сохта (85 муассисаҳои КАТС, 14 муассисаҳои госпиталӣ ва 5 муассисаҳои хусусӣ) шуда, дар 85 муассисаҳои тандурустӣ (66 муассисаҳои КАТС, 17 муассисаҳои



госпиталӣ ва 2 муассисаҳои хусусӣ) корҳои сохтмонӣ идома доранд. Инчунин 243 муассиса (197 муассисаҳои КАТС ва 46 муассисаҳои госпиталӣ) аз таъмири асосӣ баровarда шуда, дар 149 муассисаҳои тандурустӣ корҳои таъмирӣ (92 муассисаҳои КАТС, 51 муассисаҳои госпиталӣ ва 6 муассисаҳои хусусӣ) идома доранд.

Бо мақсади фароҳам овардани дастрасии бештари аҳолӣ ба ҷарроҳиҳои мураккаб ва гаронарзиш, дар 9 моҳи соли 2022 дар муассисаҳои давлатӣ ва хусусии тиббӣ, 896 амалиёти ҷарроҳӣ дар дилу рагҳо, 1777 амалиёти ангиография ва 969 амалиёти ангиопластика ва стентгузорӣ, инчунин, ба 549 нафар беморон амалиёти ҷарроҳии иваз намудани буғум ба буғуми сунъӣ ва 167 амалиёти ҷарроҳии пайвандсозии узвҳо гузаронида шудаанд. Дар умум дар муассисаҳои тиббии соҳа дар давоми нуҳ моҳи соли 2022-118 539 амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида шудааст.

Дар ин давра аз тарафи мутахассисони соҳаи ҷарроҳии дилу рагҳо бори аввал амалиётҳои стентгузоронӣ ҳангоми омоси даврашакл ва экзофитии қисми кардиоэзофагеалии сурхруда, хитинэктомияи эндоскопӣ аз маҷрои умумии талхагузар ба воситаи дуоденоскоп, бурида гирифтани омоси трахея тавассути бронхоскоп, гузоштани баллони силиконӣ дар меъда дар мавриди тағйиротҳои метаболикӣ (ҳангоми бемории фарбеҳӣ) ва ғайра гузаронида шуданд.

Инчунин, дар давраи сипаригашта дар соҳаи урология, дар вилояти Суғд амалиёти нефролитолапаксияи перкутантӣ, ҳангоми сангҳои гурда, уретропластикаи аугментатсионӣ бо истифодаи пардаи луобии лунҷ, ҷарроҳии бартараф намудани уретроселе тавассути лазери Голминӣ, ҷарроҳии слинги трансобтураторӣ бо усули “TVT” ва дар вилояти Хатлон пневолитотрипсияи трансуретралии сангҳои холиб, амалиёти “Турпростата”, дар шаҳри Душанбе ташхиси саратони простата (биопсияи мултифокалӣ), амалиётҳои муосири реконструктивии уретра бо истифодабарии аутотрансплантҳо (пардаи луобии лунҷ, таги забон, лабҳо), амалиёти “Шоира”, ҳангоми каҷшавии закар, амалиёти протатсистэктомия бо сохтани кондуит, амалиётҳои аугментатсионии масона аз қисматҳои руда, ҳангоми дисфунсияи нейрогенӣ, нефролитолапаксия тавассути пӯстӣ, ҳангоми бемории санги пешобдон, пластикаи уретра бе буриши ҷисми спонгиозӣ ҳангоми стриктура, амалиёти узвҳифзкунанда, ҳангоми саратони гурда ва дар маркази хусусии ташхисию табобатии “Мадади акбар” амалиётҳои мураккаби стриктураҳои дарозандозаи уретра ва аугментасионии масона ҳангоми дисфункцияи нейрогении масона ба роҳ монда шуданд.

(Давомаш дар саҳ.4)

# АЗ ФАЪОЛИЯТИ ВАЗОРАТ ВА ЗЕРСОХТОРҲОИ ОН ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2022 НАТИҶАГИРӢ КАРДА ШУД




**(Аввалаш дар саҳ.3)**

Дар ташхис ва табобати бемориҳои чашм аввалин маротиба плазмолифтинг ҳангоми бемории реши трофикии қарния, истифодаи ИАГ лазер барои гузаронидани витреолизис, гузоштани зуҷоҷиманфии дохиличашмӣ дар кӯдакон бо бемории анизометропияи наздикбинии дараҷаи баланд, калон кардани гиреҳҳои себаки чашм ҳангоми эвисероэнокулиятсия ба роҳ монда шуда, аз тарафи мутахассисони соҳа дар шаҳри Кӯлоб ба 25 нафар бемор ҷарроҳии "Факоэмулсификатсияи чашмпарда"ва дар шаҳри Хоруғ ба 3 нафар ҷарроҳии "Экстрэксияи эксирокапсулярии чашмпарда бо гузоштани зуҷоҷи дохиличашмӣ" гузаронида шуданд.

Дар соҳаи ҷарроҳии қафаси сина аз тарафи мутахассисони ватанӣ бори аввал ҷарроҳии кифосколиозҳои қисмати қафаси синагии сутунмуҳра, дараҷаи вазнин, усули дискотомияи фонашакли коррексионҷ, бо фиксатсияи транспедикулярии трансторакалӣ, резексияи қисмати тангшудаи трахея бо трахеопластика, дар болои стенди Т-шакл, амалиёти Люис ба беморони гирифтори ногузароиш ва тангшавии сурхрӯда, баъди сӯхтани химиёвии он, амалиёти симултантӣ, торакоскопия, эхинококэктомияи шуши рост ва лапароскопия, эхинококэктомияи ҷигар, стентгузории трахея чун марҳилаи аввали табобати беморони гирифтори носури сурхрӯдаву бронхиалӣ, реканализатсия, бужгузаронӣ ва стентгузории қисмати тангшудаи гранулятсионии трахея, рафъи эндоскопии омоси ковокии бронх, рафъи омоси миёнадеворӣ болоӣ бо резексия ва протезкунонии вариди болоии холӣ гузаронида шуданд.

Дар шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 584 ҳуҷраҳои махсусгардонидашудаи ҷарроҳӣ барои гузаронидани хатнаи кӯдакон фаъолият дошта, дар онҳо дар 9 моҳи соли 2022 ба 74718 нафар кӯдакон амалиёти хатна ба таври ройгон гузаронида шуд, ки аз онҳо 28,8%-ро навзодон ташкил медиҳад.

Дар 9 моҳи соли 2022 кор дар самти ташкил ва пешниҳод намудани хизматҳои иҷтимоӣ дар муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта бо маром идома дода шуд.

Дар муассисаҳои будубоши доимии сохтори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ айни замон 1202 нафар бошандагон, аз ҷумла 629 нафар мард, 472 нафар зан ва аз инҳо 101 нафараш кӯдакони маъюб мебошанд. Маъюбони гурӯҳи якум – 280 нафар, маъюбони гурӯҳи дуюм – 546 нафар, маъюбони гурӯҳи сеюм – 9 нафар мебошанд. Дар давраи ҳисоботӣ 134 нафар ба муассисаҳои будубоши доимии соҳа қабул карда шуданд.

Вобаста ба ташкили табобати санаторию курортии маъюбон ва собиқадорони ҷангу меҳнат дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои мавсими истироҳатии соли ҷорӣ аз буҷети давлат 4,8 миллион сомонӣ маблағ ҷудо гардида, фаъолияти чор осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои соҳа моҳи апрел оғоз карда шуда, то 1 октябр идома ёфт. Давоми мавсими навбатӣ дар маҷмӯъ 2722 адад роҳхат ба шаҳрвандон дода шудааст (аз ҷумла 1742 нафар шахсони имтиёздор, аз ҷумла 1172 нафар маъюб), ки нисбат ба соли гузашта 716 адад зиёд мебошад.

Ҷиҳати пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона дар миқёси ҷумҳурӣ 44 адад шуъбаҳо (марказҳо) дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолият доранд, ки 824 кормандон давоми 9 моҳи соли ҳисоботӣ ба 5359 нафар (ин шумора дар 9 моҳи соли 2021, 5283 нафар) ниёзмандон ва оилаҳои эҳтиёҷманд ва ба 974 (ин шумора дар шашмоҳаи соли 2021 -919 нафар) нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ расониданд.

Ҳамин тариқ, давоми 9 моҳи соли 2022 аз тарафи ҳамаи муассисаҳои низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ ба 24756 нафар пиронсолону маъюбон, аз он ҷумла ба 7085 нафар кӯдакони имкониятшон маҳдуд хизмати иҷтимоӣ ва тавонбахшии ҷисмониву равонӣ расонида шудааст.

Дар идомаи суханронии хеш вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба самтҳои дигари соҳа, муваффақият ва дастовардҳо, мушкилот ва камбудиҳои ҷойдошта низ баромад намуд.

Баъдан, сардорони раёсатҳои тандурустии ВМКБ, Хатлон, Суғд, роҳбарони муассисаҳои тандурустӣ вобаста ба фаъолияти хеш маълумот доданд.

Дар фарҷоми ҷаласа Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, аз ҷумла кӯмаки аввалияи тиббӣ, таъмиру тармими биноҳо, омодагӣ ба давраи зимистон, одоби муошират кормандони тиб, аз ҷумла табибон бо беморон, ҷавоб додан ба муроҷиати шаҳрвандон, беҳтар намудани кӯмаки ройгони фаврии тиббӣ ва ғайра ба тамоми масъулон-роҳбарони муассисаҳои тандурустии кишвар супоришҳои қатъӣ доданд.

Дар охир қарори ҳайати мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.





# ЯКУМИН “КОНГРЕССИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТИББИИ ДАВЛАТҲОИ АВРУОСИЁ” БАРГУЗОР ГАШТ




**(Аввалаш дар саҳ.1)**

Дар конгресси мазкур вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода, муовини якум ва муовинони вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе, сафири Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Эмре Зеки Карагёл, роҳбари Намояндагии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Виктор Олшавский, роҳбарони муассисаҳои тандурустии пойтахт, ҳамзамон меҳмонон аз хориҷи кишвар, аз ҷумла профессорон Гурбанхан Муслумов, Рашад Махмудов, доктори илми тиб Фарид Рафиев ва Гунай Алиева аз Ҷумҳурии Озарбойҷон, профессорон Майкл Гебел, Андрэас Шриер, Ҷорҷ Кэлер, Дениз Уяк, докторони илми тиб Волфганг Ваннoф ва Ҷорг Кампен аз Ҷумҳурии Федералии Олмон, профессорон Эмел Канбай, Ахмет Кале, Дениз Думан ва доктори илими тиб Раҳиб Ҳасан аз Ҷумҳурии Туркия ва доираи васеи кормандони соҳаи тиб иштирок намуданд.

Бахшида ба баргузории ҳамоиши мазкур намоишгоҳи муассисаҳои зерсохтори вазорат, ширкатҳои ватанӣ, ки ба истеҳсоли моводи доруворӣ ва гиёҳҳои шифобахши ватанӣ машғуланд, доир шуд, ки роҳбарияти вазорат ва меҳмонон аз он дидан намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки то оғози чорабинӣ ба таври мустақим ҷарроҳиҳои нодир бо иштироки мутахассисони байналмилалӣ анҷом дода шуданд, ки дар натиҷа бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ яке аз усулҳои муосири ҷарроҳиҳои сатҳи ҷаҳонӣ гузаронида шуданд.

Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниро ифтитоҳ намуда, нахуст меҳмононро ба Тоҷикистони биҳиштосо хайрамақдам намуд. Номбурда иброз дошт, ки аввалин маротиба дар таърихи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон як рӯйдоди муҳим дар раванди рушди иҷтимоии кишвар, яъне якумин “Конгресси байналмилалии тиббии давлатҳои Авруосиё” баргузор мегардад, ки дар он дастовард, масъалаҳои муҳим ва мушкилоти мавҷудаи яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи тандурустии имрӯза мавриди баррасии якҷоя ва муҳокимаи олимони шинохтаи сатҳи ҷаҳонӣ қарор дода мешавад.

Қайд гардид, ки пешравии имрӯзаи фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз бо ташаббус ва роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста мебошад, ки масъалаҳои соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро равандҳои афзалиятноки рушди сиёсати иҷтимоии кишвар муайян намуда, баҳри беҳтар намудани хизматрасонии босифати тиббӣ ва дастрасии он мунтазам дастуру супоришҳои мушаххас ироа менамоянд.

Гуфта шуд, ки дар шароити имрӯза инфрасохтор ва муҷаҳҳазгардонии иншооти тандурустӣ, мукаммалсозии захираҳо ва маблағгузории соҳа тавассути гузаронидани ислоҳотҳои гуногун таъмин гардида, ба беҳтар гардидани сифат ва дастрасии хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии кишвар мусоидат намуда истодааст.



Зикр гардид, ки сол то сол дар раванди ташхису табобати беморон бо истифодаи усулҳои наву муосир, аз ҷумла истифодаи бештари технологияҳои муосири тиббӣ дар кишвар зина ба зина ба роҳ монда, мутахассисони баланди касбӣ омода шуда истодаанд, ки ин омил барои коҳиш додани рафтани беморон ба хориҷа барои ташхису табобат мусоидат карда истодааст.

Дар ин раванд, бо мақсади фароҳам овардани дастрасии бештари аҳолӣ ба ҷарроҳиҳои мураккаб ва гаронарзиш, танҳо дар 9 моҳи соли 2022 дар муассисаҳои давлатӣ ва хусусии тиббии мамлакат 896 амалиёти ҷарроҳӣ дар дилу рагҳо, 1777 амалиёти ангиография ва 969 амалиёти ангиопластика ва стентгузорӣ, инчунин, ба 549 нафар беморон амалиёти ҷарроҳии ивaз намудани буғум ба буғуми сунъӣ ва 167 амалиёти ҷарроҳии пайвандсозии узвҳо гузаронида шудаанд. Бояд қайд намуд, ки дар ҷумҳурӣ танҳо соли ҷорӣ дар маҷмӯъ 118 539 ҷарроҳиҳо гузаронида шуданд.

Аз он ҷумла, дар ҷумҳурӣ то имрӯз дар маҷмӯъ ба зиёда аз 1018 нафар бемор амалиёти пайвандсозии гурда, ба 110 нафар бемор ҷарроҳии пайвандсозии ҷигар ва ба 15 нафар амалиёти пайванди мағзи устухон анҷом дода шудааст. Дар 9 моҳи соли 2022 бошад, ба 111 нафар бемор амалиёти ҷарроҳии пайвандсозии гурда, ки аз ин теъдод 6 нафар кӯдак ва 30 нафар шаҳрванди хориҷӣ мебошад, анҷом дода шудааст. Инчунин дар ин давра ба 34 нафар ҷарроҳии пайвандсозии ҷигар гузаронида шудааст, ки аз ин теъдод 3 нафар кӯдак ва 3 нафар шаҳрванди хориҷӣ мебошад.

Дар соҳаи саратоншиносии кишвар усулҳои муосири ҷарроҳӣ ба роҳ монда шудаанд, аз ҷумла ҷарроҳии Люис+D2 лимфодиссексия, намуди гибридӣ (лапаротомия+эндовидеоторакотомия) ҳангоми саратони сурхрӯда, нефрэктомия бо усули эндовидеоҷарроҳӣ, тромбэктомияи ҳолибии саратони гурда, резексияи панкреатодуоденалӣ, гемигепатэктомия бо усули эндовидеоҷарроҳӣ, резексияи трансхиаталии сурхрӯда, экстирпатсияи васеи бачадон бо зоидҳояш (ҷарроҳии Вертгейм), усулҳои ҷарроҳии узвнигаҳдоранда ҳангоми саратони ғадуди ширӣ, ҷарроҳиҳои калонҳаҷми омосҳои бадсифати бофтаҳои мулоим ва устуғон бо истифодаи эндопротези саратонӣ, ҷарроҳиҳои эндовидеоии омосҳои бадсифат дар узвҳои шикам ва кафаси сина (нефрэктомия, эктерпатсияи бачадон, лобэктомия, тимомэктомия, биопсия) ба роҳ монда шудаанд.

Дар соҳаи ҷарроҳии чашм бошад, усулҳои муосири плазмолифтинг дар бемории реши трофикии қарния, гузоштани зуҷоҷи манфии дохилчашмӣ бо бемории анизометропияи наздикбинӣ, калон кардани гиреҳҳои себаки чашм ҳангоми эвисероэнокулиятсия ҷорӣ карда шудаанд.




Дар ҷарроҳии қафаси сина ҷарроҳии кифосколиозҳои қисмати қафаси синагии сутунмуҳра, усули дискотомияи фонашакли коррексионӣ, бо фиксатсияи транспедикулярии трансторакалӣ, резексияи қисмати тангшудаи трахея бо трахеопластика амалӣ гардидаанд. Дар самти ҷарроҳии ҷоғу рӯй, ин истифодаи пластинаҳои реконструктивии титанӣ ва эндопротезҳои буғумии чаккаву ҷоғи поён мебошанд.

Дар 9 моҳи соли 2022 ба 549 нафар беморон амалиёти ҷарроҳии ивaз намудани буғум ба буғуми сунъӣ гузаронида шудаанд. Дар баробари ин, эндопротезкунонии буғуми китф, резексияи омос бо эндопротезкунонии диафизи устухони рон, усулҳои тармими устухон якчоя бо ҳуҷайрадармонӣ, бо истифодаи “Остеоматрикс”, технологияи остеосинтез бо истифодаи воситаҳои титанӣ, лавҳаи “Гамма” анҷом дода шуданд.

Дар соҳаи урология нефролитолапаксияи перкутантӣ, ҳангоми сангҳои гурда, уретропластикаи аугментатсионӣ бо истифодаи пардаи лубии лунҷ, ҷарроҳии бартараф намудани уретроселе тавассути лазери Голминӣ, ҷарроҳии слинги трансобтураторӣ бо усули “TVT”, пневолитотрипсияи трансуретралии сангҳои холиб, амалиёти “Турпростата”, амалиётҳои муосири реконструктивии уретра бо истифодабарии аутотрансплантҳо, пластикаи уретра бе буриши ҷисми спонгиозӣ ҳангоми стриктура, амалиёти узвҳифзкунанда ҳангоми саратони гурда, амалиётҳои мураккаби стриктураҳои дарозандозаи уретра ба аугментасионии масона ҳангоми дисфунксияи нейрогении масона гузаронида шудаанд.

Дар ҷумҳурӣ бо назардошти дастрас гардидани таҷҳизоти нанотехнологии муосир тавассути сӯрохиҳои табии биной имконияти буридани омосҳо ба миён омадааст (эндоназальное удаление опухоли гипофиза). То ин замон зиёда аз 300 чунин амалиётҳо бо натиҷаҳои қаноатбахш иҷро карда шуданд.

Мутахассисони соҳаи тиб дар ин ҷода фаъолияти хешро идома дода, барои боз ҳам хубтару беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба беморон барои мукаммал намудани таҷрибаи хеш аз истифодаи усулҳои муосири ташхису табобат пайваста кушиш менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки ҳамкориҳои мутақобилан судманди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар даврони Истиқлолият бо кишварҳои хориҷи дуру наздик тадриҷан беҳтар гардида истодаанд ва баргузории чорабинии имрӯза низ далели боэътимоди гуфтаҳои боло мебошад.

Баъдан, як қатор меҳмонон бо сухани ифтитоҳӣ баромад кардаву барои баргузории чунин ҳамоиши сатҳи баланд ба ҷониби Тоҷикистон изҳори миннатдорӣ баён намуда, иброз доштанд, ки омодаи густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ мебошанд.

Пасон конгресс дар бахшҳои алоҳида, аз ҷумла баргузории семинарҳо ва мастер классҳо оид ба ҷарроҳӣ, эндоскопия, радиология, ултрасонография, онкология, гастроэнтрология бо иштироки табибони варзидаи хориҷӣ ва ватанӣ идома ёфт.

## ҲАМКОРИҲОИ МУТАХАССИСОНИ ТОҶИКИСТОН ВА РОССИЯ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ҒИЗО ГУСТАРИШ МЕЁБАНД



Ҳолати беҳтар гардидани вазъи ғизо барои мустаҳкам намудани саломатии аҳолӣ хеле зарур мебошад. Муҳим будани масъалаи озуқаворӣ дар паёмҳои ҳарсола ва вохӯриҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ёдрас карда мешаванд.

Масъалаҳои ташкили ғизои аҳолӣ яке аз самтҳои асосии стратегии Ҳукумати мамлакат буда, дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ қабул гардидани 2 қонун, 2 стратегия, 3 барнома ва 1 нақшаи сатҳи миллӣ гувоҳи муҳим будани масъалаи мазкур мебошад.

Дар ин замина, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кориро таҳти роҳбарии директори МД «Маркази ҷумҳуриявии ғизо» н.и.т., Шарипов А.С., барои табодули таҷриба, бастани шартномаи ҳамкорӣ ва гузаштани курси махсуси омузишӣ дар масъалаҳои ғизо (диетология) аз 02.10.2022 сол ба Федератсияи Россия сафарбар намуд.

Зимни сафари корӣ санаи 3 октябри соли равон гурӯҳи корӣ бо директори Муассисаи давлатии Федералии маркази илмию тадқиқотии ғизо, биотехнологияи ва бехатарии махсулоти хуроки Федератсияи Россия академик Никитюк Д.Б, сардиетологи Федератсияи Россия академик Тутельян В.А ва ҳайати профессорону мутахассисон вохӯрӣ намуда, масъалаҳои ҳамкориҳои минбаъдаро мавриди баррасӣ карор доданд.

## ХУЛОСАБАРОРИИ НАТИҶАҲОИ МИЁНАМӮҲЛАТИ АВВАЛИН ГРАНТИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТӢ ОИД БА БЕМОРИИ СИЛ




6 октябри соли равон дар шаҳри Душанбе вобаста ба хулосабарории натиҷаҳои миёнамуҳлати аввалин гранти иҷтимоии давлатӣ оид ба бемории сил ҷаласаи корӣ доир гардид, ки дар он муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодихон Ҷамшед, намояндагони Лоиҳаи USAID оид ба барҳам додани бемории сил дар Осиёи Марказӣ, шарикон оид ба рушд, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шахсони гирифтори бемории сил иштирок намуданд.

Муовини вазир аҳамияти ҷудо кардани грантҳои иҷтимоиро ба минтақаҳо вобаста ба вазъи эпидемиологии онҳо қайд намуда, хостори бозбинии ҳаҷми грантҳои иҷтимоӣ барои расонидани хизматҳои ғайритиббии зидди бемории сил шуд.

Гуфта шуд, ки баррасии натиҷаҳои миёнамӯҳлати грантҳои аввалини давлатӣ ва пешниҳоди сабақҳои омӯхташуда барои таҳияи талабот ба фармоишҳои иҷтимоии минбаъдаи бемории сил муҳим аст. Афзоиши грантҳои давлатӣ барои масъалаҳои марбут ба бемории сил ба беҳтар шудани риояи табобати бемории сил ва коҳиши доғи вобаста ба бемории сил ва дар навбати худ, барои аз байн бурдани бемории сил дар кишвар мусоидат мекунад.

## ДАВОМИ 9 МОҲИ СОЛИ РАВОН ЯКЧАНД АМАЛИЁТҲОИ ҶАРРОҲИИ НАВ ДАР БАХШИ ДИЛУ РАГҲО ГУЗАРОНИДА ШУДАНД

Ҷорӣ намудани усулҳои нави ташхис ва табобат, ки қаблан шаҳрвандони кишвар барои анҷом додани онҳо ба кишварҳои хориҷӣ сафар менамуданд, аз дастовардҳои назарраси соҳаи тандурустии кишвар ба шумор мераванд.

Давоми 9 моҳи соли равон аз тарафи мутахассисони соҳаи ҷарроҳии дилу рагҳои мамлакат бори аввал амалиётҳои стентгузаронӣ ҳангоми омоси даврашакл ва экзофитии қисми кардиоэзофагеалии сурхруда, хитинэктомияи эндоскопӣ аз маҷрои умумии талхагузар ба воситаи дуоденоскоп, бурида гирифтани омоси трахея тавассути бронхоскоп, гузоштани баллони силиконӣ дар меъда дар мавриди тағйиротҳои метаболикӣ (ҳангоми бемории фарбеҳӣ), декомпрессия ва рафъи ногузароии рудаи ғафс бо колоноскоп ҳангоми тобхурии шадиди рудаи сигмашакл гузаронида шуданд.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки имрӯз табибони тоҷик дар баробари ҳамтоёни хориҷии хеш дар ташхис ва табобати беморон маҳорати баланд доранд. Далели ин гуфтаҳо муроҷиати шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ ҷиҳати гузаштан аз ҷарроҳиҳои мураккаб ба муассисаҳои тандурустии мамлакат мебошад, ки ин албатта аз маҳорати баланди касбии кормандони соҳаи тандурустии Тоҷикистон дарак медиҳад.

# БОЗДИДИ НАМОЯНДАГОНИ БОНКИ УМУМИҶАҲОНӢ АЗ НОҲИЯИ ФАЙЗОБОД

Дар доираи ташрифи намояндагони Бонки умумиҷаҳонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 6 октябри соли равон сурат гирифт, Аксел фон Тротсенбург – Директори идоракунандаи Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба амалиёт, Анна Бьерде – Ноиби президенти Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба минтақаҳои Аврупо ва Осиёи марказӣ, Татяна Прскурякова – Директори минтақавии Бонки умумиҷаҳонӣ дар Осиёи марказӣ санаи 7 октябри соли ҷорӣ бо ҳадафи натиҷагирӣ аз амалишавии лоиҳаҳои дар доираи ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки умумиҷаҳонӣ амалишаванда аз ноҳияи Файзобод дидан ба амал оварданд.

Меҳмононро муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён, Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодихон Ҷамшед, инчунин доираи васеъи намояндагони вазорату идораҳо ва шахсони расмӣ ҳамроҳӣ намуданд.

Дар доираи сафари корӣ меҳмонон ва намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нахуст аз маросими намоишгоҳи гӯшаҳои лоиҳаҳои дар доираи ҳамкориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки умумиаҳонӣ татбиқшаванда дидан намуданд.

Маврид ба ёдоварист, ки дар доираи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки умумиҷаҳонӣ дар ноҳияи Файзобод 3 лоиҳа; Лоиҳаи “Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ” дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Лоиҳаи “Инкишофи барвақтии кӯдакон барои густариши сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон” дар назди вазоратҳои молия, маориф ва илм ва тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Лоиҳаи “Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ” дар назди вазоратҳои молия ва кишоварзӣ татбиқ мегарданд.

Ҳамзамон намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки умумиҷаҳонӣ аз рафти фаъолият дар маркази саломатии деҳоти “Дубеда”-и ноҳияи Файзобод, ки дар дораи татбиқи Лоиҳаи “Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар Тоҷикистон” дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта ба истифода дода шудуаст, дидан намуда, аз натиҷаҳои ҳосилшуда дар доираи амашавии Лоиҳа изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Маврид ба тазаккур аст, ки дар доираи татбиқи Лоиҳаи “Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ” бо мақсади беҳтар намудани инфрасохтори КАТС дар ноҳияи Файзобод ду маркази саломатии деҳот “Дубеда” ва “Орифон” сохта ба истифода дода шуда, ҳарду муассиса бо таҷҳизот ва мебели тиббӣ пурра таҷҳизонида шудааст.

Татбиқи Лоиҳаи “Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ” бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки умумиҷаҳонӣ дар ноҳияи Файзобод дар доираи маблағгузории иловагии якум соли 2016 оғоз ёфта, баҳри баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасонии тиббӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии кишвар равона шудааст.

Яке аз қисматҳои асосии Лоиҳа вориднамоии механизми маблағгузории муассисаҳои кумаки аввлияи тиббию санитарӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолият (МАНФ) мебошад ва пардохтҳои ҳавасмандкуниро барои муассисаҳои тиббии таҷрибавӣ пешбинӣ менамояд.

Миқдори умумии муассисаҳои шабакаи КАТС-и ноҳияи Файзобод, ки дар он МАНФ амалӣ карда мешавад, 41 ададро ташкил медиҳад, аз ҷумла, 16 маркази саломатии деҳот ва 25 бунгоҳи саломатӣ мебошанд.

Бо мақсади беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ва заминаи моддию техникии муассисаҳои КАТС-и ноҳияи Файзобод аз ҷониби Лоиҳа як адад автомашина барои гузаронидани назорати сарпарастӣ, таҷҳизоти тиббӣ барои ду адад МСД-и сохташуда (85 номгӯй) ва ду адад нақлиёти ёрии таъҷилӣ (123 802 доллари ИМА), таҷҳизоти тиббӣ барои 11 МСД-и амалкунанда (42 номгӯ) ва 26 бунгоҳҳои саломатӣ (16 номгӯ ба маблағи умумии 233 370 доллари ИМА) мебели тиббӣ барои МСД-и сохташуда, таҷҳизоти компютерӣ (ноутбук – 36 адад, планшет – 44 адад, принтер – 20 адад ва 1- проектор/экран), борхалтаҳои тиббӣ ба миқдори 275 адад (87 барои табибон ва 188 барои кормандони миёнаи тиб) таҷҳизоти зарурии занҷираи хунукӣ барои нигоҳдорӣ ва нақли ваксинаҳо, генератор барои таъминоти муттасили барқ ба муассисаи сохташудаи МСД «Орифон» харидорӣ шуданд. Дар давраи муқовимат ба пандемияи COVID-19 барои муассисаҳои тиббии ноҳия 30 адад пулсоксиметр ва 30 адад термосканерҳо дода шудааст. Аз аввали татбиқи Лоиҳа ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба ноҳияи Файзобод 1 611 101,19 доллари ИМА-ро ташкил намуд.

Бояд гуфт, ки Лоиҳаи “Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ” дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии молиявии Бонки умумиҷаҳонӣ аз соли 2013 ба фаъолият оғоз намуда, яке аз лоиҳаҳои бобарор дар самти тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Ҳадаф ва вазифаҳои лоиҳа аз такмили сифат ва дастрасии хизматрасонии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ тавассути усулҳои муосири маблағгузории соҳаи тандурустӣ, асосан “Маблағгузорӣ дар асоси натиҷаҳои фаъолият” ватакмили заминаи моддию техникӣ ва иқтидори кадрии муассисаҳои КАТС иборат мебошад

Лоиҳа дар муассисаҳои тиббии деҳоти 16 ноҳияҳои таҷрибавии вилоятҳои Хатлону Суғд ва ноҳияи Файзободу Дарвоз фаъолият дорад. Арзиши умумии Лоиҳа 45 миллиону 232 ҳазор дол. ИМА мебошад.

Дар доираи Лоиҳаи «Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ» дар маблағгузории якум, бо мақсади такмили инфрасохтори муассисаҳои КАТС-и ноҳияҳои таҷрибавӣ корҳои сохтмонию азнавсозии 37 муассисаҳои тиббӣ дар 9 ноҳия таҷрибавӣ ва таъмири Маркази таълимию клиникии тибби оилавӣ дар вилояти Хатлон ба анҷом расонида шуда, мавриди истифода қарор дода шуданд. Арзиши умумии сохтмони муассисаҳо 6 688 240 долларро ташкил доданд.

Барои 37 марказҳои саломатии деҳоти навсохташудаи ноҳияҳои таҷрибавӣ, 24 номгӯи мебели тиббӣ ба маблағи 505526 доллари ИМА, таҷҳизоти тиббӣ ба маблағи 1 685 765,5 доллари ИМА, занҷираи сармоӣ ба маблағи 146743,4 доллари ИМА, 17 панелҳои қудратии офтобӣ ба маблағи 417 830 доллари ИМА , 11 генератор бо қисмҳои эҳтиётӣ ба маблағи 77678 доллари ИМА харидорӣ ва дастрас карда шуданд.

Ҳамчунин барои рушди соҳа ва шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ аз тарафи Лоиҳа, 35 адад мошини ёрии таъҷилӣ харидорӣ шуда, ба ноҳияҳои таҷрибавӣ дастрас карда шудааст.

Барои рушди фаъолияти МД “Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика” 2 адад мошини махсус барои интиқоли ваксинаҳо бо ҳарорати минуса харидорӣ гардида, дастраси ин Марказ гардонида шудааст. Айни замон дар 36 муассисаи тиббӣ дар 6 ноҳияи нав ба Лоиҳа воридшуда корҳои таъмирӣ ба нақша гирифта шуда, кор дар ин самт идома дорад. Барои ин муассисаҳо, ки аз таъмир баровarda мешаванд ва муассисаҳои дигари ин ноҳияҳо (76 МСД) таҷҳизоти тиббӣ ба маблағи 381 302 доллар харидорӣ карда шудааст, ки ба муассисаҳои 6 ноҳия дастрас шуда истодаанд. Ин муассисаҳо ба 350 913 нафар аҳолӣ хизмат мерасонанд. Бо мақсади баланд бардоштани иқтидори кормандони муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ оид ба сифати хизматрасонӣ дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ даврҳои гуногуни омузишӣ оид ба ихтисоси тибби оилавӣ ташкил ва гузаронида шудаву ин раванд идома дорад.

# ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ КИШВАРИ ПЕШСАФ АСТ

**Мусаллам аст, ки бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳи байни тоҷикон барқарор ва устувор гардид ва давлати мо аз хатари даҳшатбори нобудӣ раҳоӣ ёфт. Вале дар замони мо шахсоне, созмонҳо ва ҳизбу ҳаракатҳое ҳастанд, ки мехоҳанд афкор ва мақсадҳои худро бо ҳар роҳу васила ва амалҳои тундравона амалӣ созанд. Ифротгароӣ ва терроризм – яке аз чунин зуҳуроти номатлуби замони муосир ба шумор рафта, мубориза бар зидди он қарзи ҳар як инсони комил мебошад. Терроризму экстремизм ва ифротгароӣ ҳамчун вабои аср ва дигар ҳодисаҳои номатлуб ба оромию амнияти сайёра ва пойдории давлат таҳдиду хатарҳо эҷод карда, амну осоиш ва ваҳдати халқу миллатҳоро барҳам мезанад. Ҳол он ки ҳеҷ ҷомеае бидуни таъмини амнияти иҷтимоӣ рушду такомул нахоҳад кард.**




Ҷуғрофияи нооромиҳо дар гӯшаҳои гуногуни сайёра торафт доман паҳн намуда, имрӯзҳо миллионҳо нафар гирифтори хавфу таҳдид ва оташи хонумонсӯзи ҷангу низоъҳо гардидаанд. Зуҳуроти номатлуби терроризму ифротгароӣ ба хатари бесобиқаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, оқибатҳои фоҷиабору харобиовари ҷамъиятиву сиёсӣ ва маънавиро ба бор овардааст. Имрӯзҳо дар 40 нуқтаи олам нохушиҳои мусаллаҳона идома доранд. Бо боварӣ метавон гуфт, ки инсониятро танҳо манфиат дар гирдоби чунин фитнаву иғво афкандааст.

Бояд гуфт, ки дар зарфи солҳои охир зиёда аз сад мамлакати дунё ҳадафи амалҳои харобкоронаи террористон қарор гирифта, бар асари ҳамлаҳои террористӣ садҳо ҳазор нафар аҳолии осоишта ба ҳалокат расида, миллионҳо нафар макону манзили зисташонро тарк кардаанд.

Воқеан, бар асари амалҳои террористӣ дар бисёр мамолики дунё одамони бегуноҳ ба ҳалокат расида, шаҳру деҳот ва ёдгориҳои беназири таърихӣ хароб мегарданд, зарари ба иқтисодиёти кишварҳо расонидашуда ба садҳо миллиард доллар дакка мехӯрад. Идомаи ин зуҳуроти номатлуб аз ҳар ҷиҳат хатарро дар пай дошта, на фақат боиси афзоиши таҳдиду хатарҳои сиёсиву иқтисодӣ, амниятӣ ва башариву фарҳангӣ, балки сабаби хурӯҷу афзоиши ҳар гуна бемориҳои сироятӣ дар тамоми минтақаҳои олам гардида, солимии ҷомеаро зери суол мебарад, инчунин, гаронии зиёдеро ба буҷети кишвар ворид месозад.

Пурра собит шудааст, ки ҳадафи аслии ҳодисаҳои фоҷиабори Афғонистону Ироқу Сурия ва як қатор кишварҳои аврупоӣ, пеш аз ҳама, даъватҳои зиддидавлатию зиддиинсонии ташкилотҳои террористию экстремистӣ буда, суботи сиёсӣ, ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон ва амнияту якпорчагии кишварҳоро зери хатар мегузоранд. Дар ин зимн метавон аз Сурия ёдовар шуд, ки бинобар ҷанги ҳафтсола ин кишвар ба хисороти ниҳоят зиёди иқтисодию иҷтимоӣ ва талафоти ҷонӣ рӯ ба рӯ шудааст ва ба як харобазор табдил ёфта, аз ёдгориҳои таърихию фарҳангиаш ному нишоне намондааст. Имрӯз дар ин кишвар зиёда аз 8 млн. нафар дар дохилу хориҷ паноҳанда шудаанд.

Ҳамчунин, ин ҷанг сабаби кушта шудани ҳазорҳо нафар шудааст, ки дар миёни онҳо кӯдакон низ мебошанд. Мавҷи ҳиҷрат теъдоди зиёдеро аз ин кишвар ба кишварҳои аврупоӣ бурд. Дар роҳи муҳоҷират дар баҳру уқёнусҳо ғарқ шудани гурезаҳо, аз ҷумла занону кӯдаконро наметавон нодида гирифт. Ин амалҳои нангине, ки дар Ироқу Сурия сурат мегиранд, дигар кишварҳоро нигарон кардааст.

Дар ҳамсарҳади мо Афғонистон беш аз 40 сол аст, ки ҷанг идома дорад, ки аз ҷониби баъзе мақомоту коршиносон таҳдиде ба амнияти Тоҷикистон дониста мешавад.

Мо ҳама хуб медонем, ки экстремизм ва терроризм аз мафҳумҳоест, ки дар дунёи имрӯза вирди забонҳо шудааст ва ин ду мафҳум ба ҳам пайваст мебошад. Экстремизм (тундравӣ, аз андоза гузаштан) ба терроризм меорад. Истилоҳи «терроризм» аз калимаи лотинии «terror» маншаъ гирифта, маъноаш «тарс ва ваҳм» аст. Террористон касоне мебошанд, ки манфиатҳои шахсии хешро аз манфиатҳои давлату ҷомеа боло гузошта, мехоҳанд мақсаду мароми худро бо роҳи зӯроварӣ, куштор, тарсу ваҳм амалӣ созанд. Террор кардан ин ҷомеаро ба ҳолати тарсу ваҳшат ва ноумедӣ афкандан аст. Мубориза бар зидди терроризму экстремизм ва дигар таҳдидҳои замони муосир яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати дохиливу хориҷии он мебошад. Бояд гуфт, ки имрӯз барои муборизаи муштарак бар зидди терроризм ва экстремизм санадҳои байналмилалӣ қабул ва мавриди амал қарор доранд. Стратегияи глобалии СММ оид ба мубориза бар зидди терроризм ва Конвенсияҳои зиддитеррористии он аз ҷумлаи ин санадҳо мебошад.

Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бо терроризму ифротгароӣ дар ҷаҳони муосир қарор дошта, бо сиёсати устувори худ дар таъмини суботу амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ саҳми ҷиддӣ мегузорад. Ҳанӯз баҳри мубориза бо терроризм ва экстремизм соли 1999 як зумра санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ қабул шуданд. Пешвои миллат 16 ноябри соли 1999 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо терроризм” имзо гузоштанд ва 21 ноябри соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо экстремизм” ба тасвиб расид. Ин ду қонун барои Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии мубориза бо терроризм ва экстремизмро фароҳам овард. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз мамлакатҳое мебошад, ки дар ин самт тадбирҳои мушаххас андешида, онҳоро амалӣ намуда истодааст. Инчунин, соли 2016 бо Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» тасдиқ гардид. Стратегияи мазкур самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян намуда, вазифаҳои мақомоти давлатиро ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои ба экстремизм ва терроризм мусоидаткунанда мушаххас намуда, яке аз қадамҳои устувори мамлакати мо дар самти пешгирии ин зуҳурот мебошад.

Ҳамзамон, 1 июни соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Нақшаи амал оид ба амалисозии онро бо фармони хеш таҳти №187 тасдиқ намуданд.

Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳое, ки дар Паёми Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд, мутобиқ ба икдомоти Тоҷикистон дойр ба амалисозии Стратегияи глобалии зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид ва қатъномаҳои Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидааст.

Стратегия мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян намуда, ба муттаҳид намудани тадбирҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ин самт равона шудааст.

Муносибатҳои байналмилалӣ, ки дар солҳои охир хеле зиддиятнок ва муқовиматомез гардидаанд, хосияти бераҳмонаи бараҳнагиро ба худ гирифтааст. Ҷараёнҳо ва нерӯҳои сиёсӣ беш аз беш сифатҳои иртиҷоию ифротии хешро ошкор месозанд. Дар ин қатор ҷараёни экстремизми сиёсӣ яке аз масъалаи муҳимест, ки тамоми кишварҳои дунё ва дар қатори онҳо мамлакати моро ҳам ба ташвиш овардааст. Имрӯзҳо терроризм ва экстремизм бо тамоми зуҳуроташ ҳамчун ҷараёни иртиҷоӣ айён гашта, доираи васеи кишварҳо ва минтақаҳои оламро фаро гирифта, ба ҳодисаҳои мудҳиши умумибашарӣ табдил ёфтааст ва аз ин рӯ, зарурати дарки амиқ ва фаҳми васею ҳамаҷонибаи онро бояд омӯхт.

Мураккабтарин ва хатарноктарини зуҳури терроризм он аст, ки дар заминаи эътиқоди динӣ пайдо шуда бошад. Терроризми динӣ ба он асос меёбад, ки амалҳои террористӣ бо таълимоти динӣ тақвият дода мешаванд. Чунин ҳолат бештар хосияти фардӣ мегирад ва ба фанатизми аъзои гурӯҳҳои террористӣ нигаронида шудааст ва амалҳои террористиро фақат воситаи муваффақшавӣ ба мақсадҳои умумӣ надониста, онро ҳамчун наҷоти шахсӣ дар роҳи адо кардани қарзи бандагӣ дар назди худои муқтадир медонанд.

Имрӯзҳо гурӯҳҳои ифротгаро бештари ҷавонони тоҷикро, ки дар Русия ҳамчун муҳоҷири корӣ иқомат мекунанд ва бо сабаби надоштани машғулият ва даромади муносиб бо пешниҳоди «ба даст овардани пули хуб бо ширкат дар як ё ду амалиёт» фирефта намуда, ба доми макри худ мекашанд.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мубориза бо ин зуҳуроти номатлуби ҷомеа вобаста ба мавзӯи зикргардида нақша-чорабиниҳои худро тартиб дода, аз ҳисоби занҳои собиқадор, фаъолзанон, занони рӯзгордида гурӯҳҳои таблиғотӣ ташкил намуда, дар тамоми муассисаҳои тандурустиву ҳифзи иҷтимоӣ бо сокинони минтақаҳои хизматрасонии худ сӯҳбату вохӯриҳо гузаронида, оид ба шомилшавии иддае аз наврасону ҷавонон, занону духтарон ба гурӯҳҳои ифротӣ, дар давлати ба ном исломӣ ИГИЛ, ки ба муқобили мусулмонони дигар меҷанганд, ки аксарияти онҳо дар ин мулки бегона қурбон мешаванд, қайд намуда, падару модаронро бори дигар таъкид намуданд, ки ба чунин вабои аср бетараф набуда, фарзандони худро, ки дар дохил ва хориҷи кишвар зиндагӣ доранд, нагузоранд, ки фирефтаи гурӯҳҳои тундрав гардиданд ва ба Модар- Ватани худ хиёнат кунанд.

Баъзеҳо пайдоиши мафкураҳои террористиро ба таъйиноти ақидаҳои динӣ марбут медонанд ва бад-ин васила ҳадафҳои нопоки худро пиёда месозанд. Ин, бешак хато аст, зеро тавре Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид медоранд: «Терроризм дин, миллат ва ватан надорад».

Бо пуштибонӣ аз дини мубини ислом, ки он воқеан, зидди ин гуна зуҳурот мебошад, Пешвои миллатамон Эмомалӣ Раҳмон баён карданд: «Ман ин масъаларо дар чорабиниҳои сатҳи олӣ, аз ҷумла аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид борҳо иброз дошта будам ва имрӯз бори дигар изҳор менамоям, ки номи поки исломро ба зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм олуда кардан иштибоҳи маҳз аст». Амалҳои ғаразноки онҳо, ки таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегиранд, аз ҷониби душманони ин дини мубин роҳандозӣ мешаванд. Сарвари давлат ҳамасола дар Паёми худ оид ба хатари терроризм ва экстремизм таъкидҳо намуда, аз ҷумла соли 2016 ҳушдор дода буданд, ки хатари терроризм ва экстремизм барои башарият на камтар аз силоҳи ҳастаӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳор доштаанд: «Миллате, ки тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, забон, расму ойин ва арзишҳои фарҳангиашро аз даст медиҳад, истиқлолияти худро пуштибонӣ карда наметавонад. Миллате, ки хотираи таърихиашро пос намедорад, хоҳ нохоҳ тафаккураш ғуломона гашта, истиқлолияти миллиашро аз даст медиҳад. Ҳифз накардани таърихи миллат ба инкори гузашта бурда мерасонад».

Терроризм ва экстремизм душмани башарият ва таъриху миллат дар ҳама давру замон аст ва амалҳову ниятҳои нопоки харобкунандааш барои рушду пешрафти давлату ҳукумат монеа эҷод карда, ба оромии ҷомеа халал ворид месозад. Махсусан як ҳодисаи террористие, ки чанд сол қабл дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн гардида буд, ҳисси нафратро бар дили мардуми сайёра нисбат ба ашхоси ба гирдоби ин вабои аср афтода бедор кард: «Дар Сурия кӯдаки сесола дар зери моддаҳои тарканда монд. Ӯро дар ҳолати вазнин ба беморхона бурданд. Кӯдак дар дами марг аз пизишкон бо суханони наҷотталабона муроҷиат кард: «Маро аз марг наҷот диҳед, ман ҳам зиндагӣ кардан мехоҳам», чун илоҷи дардаш пайдо нашуд, кӯдак умедро канда гуфт:- “Дар бораи амалҳои шумо ба Худованд, албатта, хабар хоҳам дод!” Чунин амалҳои нангини террористӣ зиёданд, ки ҷомеаи ҷаҳониро бетараф намегузоранд.

Заминаи аслии террористиро дар нодонӣ, ноогоҳӣ, сатҳи пасти маърифатнокии баъзе аз ашхосе медонанд, ки ба доми тазвири душманони миллат меафтанд. Имрӯз яке аз мушкилоте, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, ба гурӯҳҳои тундрав пайвастани ҷавонон мебошад. Бо таассуф метавон гуфт, ки бархе аз ҷавонони мо ба ҷои омӯхтани илму дониш ба роҳҳои нодуруст рафта, теша ба решаи хеш мезананд.

Коршиносони масъалаҳои динӣ бар он назаранд, ки ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ пайвастани ҷавононро аз надоштани дониши мукаммали динӣ марбут медонанд. Ҳамзамон, хуб набудани шароити иқтисодиро низ яке аз ин омилҳо медонанд. Баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд яке аз роҳҳои пешгирии гаравиши шаҳрвандон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ба ҳисоб меравад.

Масъалаи дигаре, ки имрӯз ҷомеаи моро ба ташвиш овардааст, тамоюли бегонапарастӣ ва ба фарҳанги бегона майл намудани занону духтарони кишвар, ташвиқи либосҳои бегона, ҳисси бегонапарастӣ ва тақлидкорӣ мебошад. Мушоҳида мекунем, ки тақлиди занону ҷавондухтарон ба тарзи либоспӯшии бегона кӯр-кӯрона буда, ифодагари беиттилоотӣ ва бехабарӣ аз асли масъала мебошад. Занони мо либосҳои бегонаро бо номи «ҳиҷоб» ё «сатр» истифода карда, ба ин васила гӯё шариатро риоя мекарда бошанд. Вале дар асл маънии «ҳиҷоб»- парда ва «сатри аврат» – пӯшонидан ё пинҳон кардани аврат мебошад. Яъне пӯшонидани аврат тавассути либос. Ба ҳамаи мо маълум аст, бибию момоҳои мо ҳам «ҳиҷобу сатр» доштанд, ки он комилан миллию суннатӣ ва хоси фарҳангу анъаноти мо буд, на ин ки мисли имрӯза «сатру»-у «ҳиҷоб»-и сиёҳранг. Мувофиқи сарчашмаҳои илмии этнографӣ халқи мо аз қадим либосҳои зебои занона доштанд ва ҳеҷ гоҳ сиёҳпӯш набуданд. Дар суннати анъанавӣ низ сиёҳпӯшӣ раво нест, ҳатто либоси мотамии мардуми мо сиёҳ буда наметавонад ва дар ҳеҷ як давру замон низ дар ватани мо роиҷ набуд.

Гурӯҳҳои ифротгаро метавонанд, ки бо ақидаҳои фанатикии худ занону духтарон ва ҷавононе, ки имрӯзҳо аз фарҳанги миллӣ, ҳисси хештаншиносӣ ва афкори дурусти ислом ба пуррагӣ огоҳӣ надоранд, ба сӯи худ ҷалб намоянд. Шукри истиқлоли ватану давлатро намудан, шукри суботу оромӣ кардан ва ваҳдати ҷомеа талош доштану бегонапарастӣ накардан яке аз вазифаҳои муҳими ҷомеаи мо дониста мешавад.

Бояд қайд намуд, ки 4 августи соли 2018 Президенти кишвар қарореро оид ба тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷазоро барои бо истифода аз интернет ба амал овардани даъвати оммавӣ ҷиҳати содир намудани ҷиноятҳои террористӣ ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ пурзӯр мекунанд, ба имзо расониданд. Тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳкими мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм ворид карда шудаанд. Зери мафҳуми “сафедкунии фаъолияти террористӣ” дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳороти оммавӣ оид ба дастгирии амалҳои террористӣ ва дастгирии ин идеология фаҳмида мешавад. Баъди нашри Кодекси ҷиноятӣ дар таҳрири нав барои даъвати оммавӣ ба фаъолияти террористӣ ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати 10 то 15 сол пешбинӣ шудааст.

Истиқлол ва ваҳдату сулҳ неъматҳое ҳастанд, ки онҳоро ҳифз бояд кард. Таҷриба собит намудааст, ки нигоҳ доштану тақвият бахшидани истиқлолу ваҳдат чӣ қадар заҳматталабанд ва онҳо дар баробари рушди иқтисоду фарҳанг ва иҷтимоиёт то чӣ андоза дастоварди нодир маҳсуб меёбанд. Бояд зикр намуд, ки падидаҳои мазкур асоси ҳама гуна муносибатҳои мусбат дар ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Дар давлате, ки оромӣ, субот ва амният ҳукмрон аст, фаъолияти самараноку бомароми сиёсати байналмилалиро метавон ба роҳ монд. Чун раванди ҷаҳонишавӣ ҳам ҷиҳати манфӣ ва ҳам ҷиҳати мусбӣ дорад, мо бояд ҷиҳатҳои мусбии онро аз худ кунему муттаҳидтар бошем, то манфиатҳои миллии худро ҳифз намоем.

Ҳар як фарди худогоҳ ва ватандӯст бояд дар ҳифзи асолати поки гузашта, нигоҳдории якпорчагии ватан, ягонагии ҷуғрофӣ ва сиёсии кишвар, дифои сулҳу оромӣ, истиқлолу ваҳдати миллӣ масъулиятшинос бошад. Моро лозим аст, ки Ваҳдати миллиро пос дошта, ба қадри ин неъмати бебаҳо ва муқаддас бирасем ва ҷавонони ватандӯсту ватанпарварро тарбия намоем, ки дар оянда ин гавҳари ноёбро ҳифзу эҳтиёт намоянд.

**Фарзод САРМАД**

# САФАРИ КОРИИ ҶАМОЛИДДИН АБДУЛЛОЗОДА БА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН



**Бо мақсади густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар самти омода кардани мутахассисони баландихтисоси соҳа, табодули таҷрибаи табибони ду кишвар, ҷорӣ намудани усулҳои нави ташхис ва табобат, ҳамзамон ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар самти коргарди гиёҳҳои шифобахш ва дигар масъалаҳои соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз 23 то 27 октябри соли равон вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода бо сафари корӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон қарор дошт.**

Дар ин сафар Ҷамолиддин Абдуллозодаро ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Маҳмадшоҳ Гулзода, ректори Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддин Муҳиддин, сардори Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе Хушвахт Шарифзода, директори Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» Хуршед Рустамзода ва директори генералии ҶДММ “Сифат Фарма” Холов Шералӣ ҳамроҳӣ намуданд.

Дар доираи сафари корӣ Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Теҳрон бо Вазири беҳдошт, дармон ва омӯзиши пизишкии Ҷумҳурии Исломии Эрон доктор Баҳром Айнуллоҳӣ вохурӣ намуд.

Маврид ба зикр аст, ки соҳаи тибби Ҷумҳурии Исломии Эрон махсусан, соҳаҳои гуногуни беҳдоштӣ, дармонӣ ва улуми пизишкии ин кишвар, аз қабили ҷарроҳии дил, табобати бемориҳои чашм ва пайвандсозӣ шуҳрати ҷаҳонӣ дорад.

Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни вохурӣ бо Вазири беҳдошт, дармон ва омӯзиши пизишкии Ҷумҳурии Исломии Эрон иброз дошт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи ҳифзи солимии аҳолӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти давлат ба шумор рафта, он дар даҳсолаи охир ба дастовардҳои назаррас ноил гаштааст, ки ин аз сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳад.

“Ҳоло давлати мо дар самти тараққиёт қадамҳои устувор гузошта, дар бисёр нишондиҳандаҳо дар минтақа пешсаф мебошад. Афзудани теъдоди муассисаҳои тандурустии давлатӣ, бунёди бунгоҳҳои саломатӣ, коҳиш ёфтани нишондиҳандаи фавти модарон ва кӯдакон аз дастовардҳои беназири даврони соҳибистиқлолии мамлакатамон мебошанд”,- иброз дошт номбурда.

Дар ин росто, иттилоъ дода шуд, ки то соли 2013 раванди татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти ҳифзи саломатӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Тоҷикистон ба зимаи ду вазорат: Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардида буд, ки баъдан бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013 бо мақсади ҳамгироии масъалаҳои мазкур ва ба танзим даровардани фаъолияти муштараки ҳамоҳангшуда дар сохтори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ташкил гардида, пешбурди сиёсати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба зимаи ин вазорат вогузор карда шуд.

Дар идомаи вохурӣ Ҷамолиддин Абдуллозода вобаста ба гиёҳҳои шифобахши Тоҷикистон ба Вазири беҳдошт, дармон ва омӯзиши пизишкии Ҷумҳурии Исломии Эрон доктор Баҳром Айнуллоҳӣ иттилоъ дод.

Зикр гардид, ки роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои истеҳсоли дору аз гиёҳҳои шифобахши ватанӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, бо мақсади ривоҷ додани соҳаи дорусозӣ дар кишвар корхонаҳои зиёди хуру калон ба кор дароварда шудаанд.

Дар анҷоми вохурӣ ҷонибҳо ҷиҳати густариши ҳамкориҳо дар бахши ҳифзи иҷтимоӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар самти тайёр намудани дору аз гиёҳҳои шифобахш ва дигар масъалаҳои мавриди назар ҳавасмандии хешро иброз намуданд.



Ёдовар шудан ба маврид аст, ки дар самти ҳифзи иҷтимоӣ “Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таовун, кор ва рифоҳи иҷтимоии Ҷумҳурии Исломии Эрон” ба имзо расидааст, ки он маҷмӯи ҳамкориҳоро оид ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноки соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ, васеъ намудани робитаҳои бевосита байни мақомотҳои идоракунии тандурустӣ дар асоси принсипҳои умумиэътирофшуда ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба танзим медарорад.

Ҳамзамон дар доираи сафари корӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии мамлакат бо роҳбарияти Донишгоҳи улумпизишкӣ ва илми Маҳшад, Донишгоҳи улумипизишкии ба номи Шаҳид Биҳиштӣ ва Донишгоҳи улумипизишкии шаҳри Шерози Ҷумҳурии Исломии Эрон вохурӣ намуд.

Тавре иттилоъ дода шуд, дар бемористонҳои тобеи Донишгоҳи улумипизишкии шаҳри Шероз гузаронидани ҷарроҳиҳои бениҳоят мушкил, ба монанди пайвандсозии узвҳо, аз ҷумла ҷигар, гурда, ғадуди зери меъда, мағзи устухон, стенткунонии мағзи сар, ангиопластикаи ҷигар, кимиёдармонӣ ва радиатсионӣ барои табобати навъҳои гуногуни саратон, ҷарроҳии дилу рагҳо гузаронида мешавад.

Гуфта шуд, ки вохӯрии имрӯза ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар самти омӯзиш, бозомӯзӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмию амалии якдигар, машварат ва гуфтугӯ мусоидат хаҳад кард.

Ҳамзамон дар вохуриҳо ҳамкориҳои муассисаҳои олии таълимии мамлакат, аз ҷумла Муассисаи давлатии “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” ва Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ин муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Исломии Эрон мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар ин самт як қатор созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расиданд.

Дар маҷмӯъ, сафари кории Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон дар самти боз ҳам густариш додани ҳамкориҳои ду кишвари дӯсту бародар дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

## АБДУХОЛИҚ АМИРЗОДА БО МЕДАЛИ ХОТИРАВИИ “100 СОЛАГИИ ХАДАМОТИ ДАВЛАТИИ САНИТАРИЮ ЭПИДЕМИОЛОГИИ РОССИЯ” ҚАДРДОНӢ ШУД

Муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдухолиқ Амирзода барои расондани ёрии назаррас дар ҳалли проблемаҳои истеъмолкунандагон ва некуаҳволии инсон бо медали хотиравии “100 солагии Хадамоти давлатии санитарию эпидемиологии Россия”-и Хадамоти федералии назорат оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва некӯаҳволии инсони Федератсияи Россия- Роспотребнадзор қадрдонӣ карда шуд.

Маросими тақдими медали хотиравӣ зимни як ҷаласа дар шаҳри Маскави Федератсияи Россия баргузор гардид, ки дар он муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдухолиқ Амирзода, роҳбарияти Хадамоти федералии назорат оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва некӯаҳволии инсони Федератсияи Россия- Роспотребнадзор иштирок намуданд.



## ДАСТГИРИИ ТАБАҚАҲОИ ОСЕБПАЗИР ВА ШАХСОНИ ДОРОИ ҚОБИЛИЯТАШОН МАҲДУД



**«Корвони хизматрасонии тавонбахшӣ, воситаҳои ёрирасон ва муоинаи беморон” ба ноҳияҳои Балҷувон, Ховалинг, ва Муъминобод сафар кард.**

Бо фармоиши Вазорати тандурустӣ тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гузаронидани “Корвони хизматрасонии тавонбахши тақсимоти воситаҳои ёрирасон”, гурӯҳи кории кормандони Корхонаи давлатии «Заводи протезию ортопедӣ» -и шаҳри Душанбе, масъулини бахши ҳифзи иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноҳияҳои дурдасти вилояти Хатлон, аз ҷумла ба Балҷувон, Ховалинг, ва Муъминобод сафари кориро оғоз намуданд.

Дар ҷараёни сафари корӣ бо ҷалби бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, шуъбаҳои кумаки аввалияи тиббии санитарӣ, комиссияҳои машваратии ташхиси тиббӣ ва доираи васеъи шахсони дорои қобилияти мадуддошта семинар – машварат доир гашта ба барои маъюбони ин минтақаҳо дар умум ба миқдори 342 адад воситаҳои офиятбахшӣ дастрас гардонида шуд.

## «КОРВОНИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТАВОНБАХШӢ, ВОСИТАҲОИ ЁРИРАСОН ВА МУОИНАИ МАЪЮБОН” ДАР НОҲИЯҲОИ ҚУБОДИЁН ВА ШАҲРИТУС



**Дар асоси нақшаи амалҳо зимни баргузории «Корвони хизматрасонии тавонбахшӣ, воситаҳои ёрирасон ва муоинаи маъюбон” ҳайати кормандони корхонаи давлатии «Заводи протезию ортопедӣ” -и шаҳри Душанбе ба ноҳияҳои Қубодиён ва Шаҳритуси вилояти Хатлон сафар кард.**

Дар бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ин ноҳияҳо вохурии мутахассисони корхона бо маъюбони минтақа, бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мутахассисони шуъбаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ доир карда шуд. Иштирокчиён аз фаъолияти истеҳсолии корхона, баргузории чорабинии мазкур, ки бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидааст ва бо дастгирии Ташкилоти шарикии ҷамъиятҳои тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад, маълумоти зарурӣ пайдо кардаанд.

Дар ҷараёни сафар ба маъюбони ин минтақаҳо 158 адад воситаҳои тавонбахшӣ расонида шуд.

Ҳамзамон, зиёда аз 20 нафар маъюбон аз ташхиси мутахассисони соҳа, протезистҳо, ортопедҳо ва мутахассисони воситаҳои ҳаракаткунанда гузашта, инчунин бо воситаҳои тавонбахшӣ таъмин карда шудаанд.

## «КОРВОНИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТАВОНБАХШӢ ВА ВОСИТАҲОИ ЁРИРАСОН» ДАР НОҲИЯҲОИ РАШТ ВА ЛАХШ

**Бо дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Корвони хизматрасонии тавонбахшӣ ва воситаҳои ёрирасон» тибқи нақшаҳои амалкунанда ва баъди боздид аз ноҳияи Айнӣ ва шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд, ба ноҳияҳои Рашт ва Лахш ташриф овард.**



Дар доираи сафари корвони мазкур дар бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои мазкур бо ҷалби доираи васеъи маъюбон, бахшҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва шӯъбаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ оид ба таснифоти хизматрасониҳои тавонбахшӣ, протезию ортопедӣ ва воситаҳои техникии тавонбахшӣ бо иштироки мутахассисони варзидаи Корхонаи давлатии «Заводи протезию ортопедӣ» -и шаҳри Душанбе семинар-машварат баргузор гардид.

Лозим ба ёдоварист, ки ба ноҳияҳои болозикр бо супориши вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои техникии тавонбахшӣ, аз қабили аробачаҳои маъюбӣ, роҳравакҳо, асоҳои гуногун ва ғайра дастраси эҳтиёҷмандон карда шуданд.

## “КОРВОНИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТАВОНБАХШӢ ВА ВОСИТАҲОИ ЁРИРАСОН” БА ШАҲРИ ПАНҶАКЕНТ ВА НОҲИЯИ АЙНӢ САФАР НАМУД



**Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоии давлат ба шумор рафта, солҳои охир ба дастовардҳои назаррас ноил гаштааст, ки ин аз сиёсати хирадмардонаи Сарвари давлат вобаста ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ шаҳодат медиҳад.**

Бо мақсади иҷрои фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2022, №712 аз ҳисоби мутахассисони варзидаи вазорат аз ҷониби Корхонаи давлатии «Заводи протезию ортопедӣ»-и шаҳри Душанбе гӯруҳи корӣ созмон дода шуда, ба шаҳру ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ сафарбар карда шуданд.

Рӯзҳои 10-11 октябри соли ҷорӣ «Корвони хизматрасонии тавонбахшӣ ва воситаҳои ёрирасон» ба шаҳри Панҷакент ва ноҳияи Айнии вилояти Суғд сафар намуд. Дар ҷараёни маъракаи мазкур ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани савияи дониши кормандони бахшҳои ҳифзи иҷтимоии маҳалҳо, инчунин сатҳи иттилоотнокии кормандони шабакаҳои муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ семинар-машваратҳо гузаронида шуда, ба ниёзмандони ин минтақаҳо 12 номгуи воситаҳои ёрирасони техникӣ, аз қабили роҳравакҳои гуногун, асо барои нобиноён, асабағалҳо, курсӣ барои ҳаммом ва ҳоҷатхона, телефонҳои мобилии соддакардашуда, тахтачаҳои иттилоотӣ (доска Брайла) ва дигар намуд воситаҳои офиятбахшӣ дастрас карда шуд.

Ҳамзамон, мутахассисони корхона ба бошандагони «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Панҷакент» ва ба шахсони қобилияти маҳдуддоштаи минтақа хизматрасониҳои протезию ортопедӣ расонидаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки “Корвони хизматрасонии тавонбахшӣ ва воситаҳои ёрирасон» минтақаҳои дурдасти ҷумҳуриро дарбар гирифта, ба шахсони имконияташон маҳдуд хизматрасониҳои протезӣ-ортопедӣ ва воситаҳои офиятбахшӣ расонида мешавад.

## БА МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ҲИМОЯИ АҲОЛӢ АЗ БЕМОРИИ СИЛ ТАҶҲИЗОТИ НАВИ ТАШХИСӢ ТАҚДИМ ГАРДИД

**24 октябри соли равон дар Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил”-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими расмии тақдими таҷҳизоти навтарин дар самти ташхиси бемории сил иборат аз даҳ адад дастгоҳҳои рентгении ин бемории баргузор гардид, ки дар он муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдухолиқ Амирзода, Намояндаи доимии Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон ҷаноби Ленни Монтиел, роҳбарият ва кормандони муассисаи мазкур иштирок намуданд.**

Абдухолиқ Амирзода, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамкориҳои мутақобилан судманди вазорат бо шарикон оид ба рушд дар самти ташхис ва пешгирии бемории сил ёдовар шуда, иброз дошт, ки маҳз дар натиҷаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо давоми солҳои охир сатҳи гирифтории шаҳрвандон ба бемории сил дар кишвар бамаротиб коҳиш ёфтааст.




Таҷҳизоти мазкур имкон медиҳад, ки дар шароити кӯҳсор низ ташхиси бемории сил дар муддати кутоҳ ва дурусту дақиқ ба роҳ монда шавад.

Маврид ба зикр аст, ки пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла бемории сил тамоми кӯшиш ва талошҳои хешро равона сохта, дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Марҳила ба марҳила коҳиш ёфтани шумораи гирифторони ин беморӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои ташхис ва табобати беморон, қабули барнома ва ҳуҷҷатҳои соҳавӣ аз тадбирҳои муҳими дар ин самт андешида ба шумор мераванд.

## ИСФАРА: ДАР ДОИРАИ “КОРВОНИ САЛОМАТӢ” СОКИНОН БА МУОИНАҲОИ ТИББИИ РОЙГОН ФАРО ГИРИФТА ШУДАНД



**Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ давоми солҳои охир дар мамлакат чорабинии тиббию машваратии “Корвони саломатӣ” роҳандозӣ гардида, дар доираи он сокинони манотиқи гуногуни кишвар ба хизматрасониҳои тиббии ройгон фаро гирифта мешаванд.**

Дар доираи лоиҳаи «Корвони саломатӣ», ки он аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо шарикон оид ба рушд татбиқ мешавад, чанде қабл ба Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд ду адад нақлиёти сайёри тиббӣ дастрас карда шуд.

Нақлиётҳои махсуси сайёр дорои таҷҳизоти зарурӣ, аз ҷумла таҷҳизоти рентгенӣ, ташхисӣ, стомотологӣ, кардиологӣ ва дигар лавозимоти зарурии тиббӣ мебошанд.

Бо истифода аз нақлиёти сайёри тиббӣ аллакай сокинони як қатор шаҳру навоҳии вилояти Суғд ба хизматрасониҳои тиббии ройгон фаро гирифта шудаанд.

Аз ҷумла санаи 18 октябри равон 10 нафар табибони соҳавии Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд барои гузаронидани хизматрасонии тиббии баландихтисос ба шаҳрвандон ба шаҳри Исфара сафар намуданд.

Дар доираи «Корвони саломатӣ» табибони амрози даруни, амрози занона, дилшинос, духтурони чашм, гӯшу гулӯ ва бинӣ, дилшиносон бо истифода аз таҷҳизоти замонавӣ 150 нафар сокинонро ба таври ройгон муоина намуданд.

РЕЗААХБОР

## НАМОЯНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАШВАРАТИ КОРӢ ТАҲТИ УНВОНИ “ЗИНДАГИИ МУСТАҚИЛИ МАЪЮБОН ДАР ДАВРАИ БЕМОРИИ ҲАМАГИР ВА ПАС АЗ ОН” ИШТИРОК НАМУДАНД

**11 октябри соли равон дар шаҳри Еревани Ҷумҳурии Арманистон таҳти унвони “Зиндагии мустақили маъюбон дар давраи бемории ҳамагир ва пас аз он” машварати корӣ оғоз гардид, ки дар кори он аз Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қудратулло Қурбонов, роҳбари ташкилоти ҷамъиятии “Иттиҳодияи миллии маъюбони Тоҷикистон” Асадулло Зикрихудоев иштирок намуданд. Машварати мазкур то пагоҳ, 13 октябр идома ёфта, дар он мутахассисон аз як қатор кишварҳо, аз ҷумла Россия, Арманистон, Қазоқистон. Ӯзбекистон ва Қирғизистон иштирок доранд.**

Зимни иштирок дар машварати корӣ намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамроҳшавӣ ба Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои маъюбон ва амалишавии он дар мамлакат маълумот доданд.

Ҳамзамон, таҷрибаи Арманистон дар самти ҳамроҳшавӣ ба Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои маъюбон ва амалишавии он дар ин кишвар низ аз ҷониби мутахассисони Тоҷикистон омӯхта шуд.

Маврид ба ёдоварист, ки 22 марти соли 2018 дар ҳошияи кушодашавии чорабинӣ бахшида ба Оғози Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бинои Созмони Милали Муттаҳид, воқеъ дар шаҳри Ню Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Америка зери Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб имзо гузоштанд.

Ҳамин тавр Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб гардид.

Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб аз тарафи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 13 декабри соли 2006 қабул гардида, 3 майи соли 2008 баъди аз ҷониби 20 давлати олам тарафдорӣ ёфтан, ҳукми қонунӣ гирифт.

Баҳри амалишавии муқаррароти конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2020, №116 «Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба тавсиб расонидани Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон барои давраи то соли 2024” қабул гардид.

## ДАВОМИ 9 МОҲИ СОЛИ РАВОН 74 ҲАЗОРУ 718 НАФАР КӮДАКОН АЗ АМАЛИЁТИ ХАТНАИ РОЙГОН ГУЗАШТАНД

**Ташкил гардидани ҳуҷраҳои махсусгардонидашудаи ҷарроҳӣ барои гузаронидани хатнаи кӯдакон ва гузаронидани амалиёти хатна ба таври ройгон, маҳз зери фаъолияти густурдаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи иҷрои дастур ва супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.**

Ҳамин аст, ки дар доираи иқдоми мазкур ба ҳолати имрӯза дар шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 584 ҳуҷраҳои махсусгардонидашудаи ҷарроҳӣ барои гузаронидани хатнаи кӯдакон фаъолият дошта, дар онҳо давоми 9 моҳи соли 2022 ба 74 ҳазору 718 нафар кӯдакон амалиёти хатна ба таври ройгон гузаронида шудааст.

Маврид ба тазаккур аст, ки иқдомоти мазкур бо мақсади беҳтар намудани дастрасии хизматрасонии тиббӣ ба кӯдакон, танзими заминаи ҳуқуқии татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 августи соли 2017 рӯи даст гирифта шудааст. Дар ин доира, инчунин фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2018 оид ба «Тартиби гузаронидани амалиёти хатнаи кӯдакон», аз 18 майи соли 2018 “Дар бораи тасдиқи ҳуҷҷатҳои бақайдгирию омории соҳавии муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаронидани амалиёти хатнаи кӯдакон” ва аз 2 июли соли 2018 “Дар бораи тасдиқ намудани рӯйхатҳои таҷҳизоти заруриӣ барои ҳуҷраҳои хатнаи кӯдакон” ба тасвиб расида, айни ҳол амалӣ шуда истодаанд.

# ҶОИЗАИ “БУНЁДИ РУШДИ ТИББИ ХУСУСӢ”-И МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ ЖУРНАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН ВА БУНЁДИ РУШДИ ТИББИ ХУСУСИИ ТОҶИКИСТОН

1. Мақсади озмун.

Мақсади ҷоизаи мазкур:

- тарғиби рушд ва тавсеаи имкониятҳои муассисаҳои хусусии тиббӣ дар кишвар;
- ворид намудани беш аз пеши дастовардҳои илму технологияи муосири тиббӣ дар муассисаҳои хусусии тиббии мамлакат;
- то андозае гирифтани пеши роҳи муҳоҷирати мутахассисони варзидаи мамлакат барои дарёфти рӯзии бештар ба кишварҳои хориҷ;
- кам кардани муроҷиати шаҳвандон барои дарёфти хизматрасониҳои тиббӣ ба кишварҳои хориҷа;
- баланд бардоштани мақому манзалати табибон;
- боз ҳам беҳтару самаранок ба роҳ мондани ҳамкориӣ миёни роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва муассисаҳои хусусии тиббӣ;
- беҳтар намудани дастрасии мардум ба иттилооти дақиқ ва эътимоднок доир ба хизматрасониҳои баландсифати тиббӣ дар муассисаҳои хусусии тиббӣ;

2. Ҷоиза соле як маротиба дар рӯзи таваллуди Абуалӣ ибни Сино, 18 - уми август, ки Рӯзи Иди касбии табибон низ ҳаст, ба 3 нафар супорида мешавад.

- Ҷойи аввал бо рамзи ҷоиза ва мукофоти пулӣ 5000 сомонӣ;
- Ҷойи дуввум бо рамзи ҷоиза ва мукофоти пулӣ 3000 сомонӣ;
- Ҷойи сеюм бо рамзи ҷоиза ва мукофоти пулӣ 1000 сомонӣ;

3. Дастгирии молиявии Ҷоизаи “Бунёди рушди тибби хусусӣ”-и Маркази тадқиқотии журналистии Тоҷикистон ва Бунёди рушди тибби хусусии Тоҷикистон аз тарафи бунёди номбурда ба роҳ монда мешавад;

4. Корҳои ихтисосии омодасозӣ, нашр, таҳқиқ ва таҳлили масъалаҳои мубрамтарини таъмини рушд ва тақвияти потенсиали тибби хусусӣ, матраҳ намудани мубрамтарин мушкилиҳои мавҷуда дар ин самти сиёсати иҷтимоии кишвар аз тарафи Маркази тадқиқотии журналистии Тоҷикистон анҷом дода мешавад;

5. Барандагони Ҷоиза метавонанд муаллифон ё қаҳрамонони маводи чопӣ, видеой, аудиой бошанд;

6. Барномаҳои видеой, аудиой ва матлабҳои чопӣ бояд баёнгари вазъияти воқеӣ, сабабу омилҳо ва монеаҳои рушди тибби хусусӣ, имкониятҳои мавҷуда барои тақвияти рушд, потенсиали истифоданашуда, сатҳи қаноатмандии мардум ва баланд бардоштани савияи маърифати тиббӣ аҳолӣ бошад;

7. Номзадҳо барои гирифтани ҷоиза метавонанд аз миёни қаҳрамонони мавод ё муаллифони васоити ахбори умум новобаста аз намуд ва шакли моликият аз тамоми минтақаҳои кишвар бошанд;

8. Натиҷаи озмунро комиссияи махсуси таъсиснамудаи роҳбарияти Маркази тадқиқоти журналистии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо роҳбарияти Бунёди рушди тибби хусусии Тоҷикистон баррасӣ ва ҷамъбаст менамоянд;

9. Маводи пешниҳодшаванда бояд ба суроғаи Маркази тадқиқоти журналистии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16 (Шарқи Озод), ошёнаи 8 бо ишораи “Ба озмун” пешниҳод шавад;

10. Қабули маълумотнома барои иштирок дар озмун аз 1 - уми январи ҳар сол шурӯъ гардида, он 1 - уми август ҷамъбаст карда карда мешавад;

11. Маводҳои чопӣ, видеой, аудиоии пешниҳодшуда бояд бо забони тоҷикӣ буда, мақолаҳо дар шакли электронӣ бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 дар ҳаҷми аз 3 то 5 саҳифаи компютерӣ ва видеой, аудиой аз 15 то 20 дақиқа омода шуда бошанд;

12. Довталабон метавонанд маводҳои чопӣ, видеой, аудиоии худро бо зикри ному насаб, ҷойи кор, вазифа, суроғаи ҷойи зист, почтаи электронӣ ва шумораи телефон бо ишораи “Ба озмун” аз 1 - уми январ то 1 - уми августи соли 2023 ба суроғаи Маркази тадқиқоти журналистии Тоҷикистон ё ба почтаи элктронии ҳамоҳангсози лоиҳа shervoni-umriddin@mail.ru пешниҳод намоянд;

13. Ғолибонро бо рамз, диплом, сипоснома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ дар рӯзи таваллуди Абуалӣ ибни Сино, 18 - уми августи соли 2023 аз ҷониби роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Бунёди рушди тибби хусусии Тоҷикистон ва муассисаҳои хусусии тиббии кишвар қадрдонӣ карда мешаванд.

# РАҚАМИКУНОНИИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН РУШД МЕКУНАД



**Рушди системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ дар доираи татбиқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2019, № 642 тасдиқ гардидааст, бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани дастрасӣ ба хизматрасониҳои баландихтисоси тиббӣ, баргузор намудани маслиҳату машварат оиди ташхису табобати беморон бо истифода аз имкониятҳои телетиб, зери назорати қатъӣ қарор додани сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ, омӯзиши муттасил ва баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисони соҳаи тандурустӣ, тавассути ташкили курсҳои бозмӯзӣ дар ҳамаи зинаҳои кадрии соҳа, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки рӯзи 26 декабри соли 2019 қайд гардид, таъмин гардида истодааст.**

Бояд гуфт, ки ислоҳот дар самти идоракунии соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон зина ба зина тадриҷан амалӣ шуда, дар натиҷаи он механизмҳои нави идоракунӣ, маблағгузорӣ, татбиқи усулҳои муосири хизматрасониҳои тиббӣ ворид гардида истодаанд.

Яке аз раванди афзалиятноки ислоҳот-ин таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои баландихтисоси тиббӣ тавассути рақамикунонии тандурустӣ, рушди системаи миллии иттилоотии тандурустӣ мебошад.

Шурӯъ аз соли 2002 ҷамоварӣ, таҳлил ва истифодабарии маълумотҳо оид ба солимии аҳолӣ ва фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ тавассути барномаҳои электронии компютерӣ (Medstat, Factor, Statsionar), ки қисман автоматикунонида буданд, амалӣ карда шуда, барои таҳия намудани ҳуҷҷатҳои стратегӣ, мониторинги рафти татбиқи онҳо ва идоракунии тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамуданд ҳам, вале коркарди маълумот тибқи барномаҳои мазкур кори мутахассисони соҳавиро душвор ва ҷамъоварии иттилоотро танҳо як маротиба дар охири сол таъмин намуда, саривақт дастрас намудан маълумот оиди солимии аҳолӣ ва фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ ва эътимоднокии онҳо таъмин намегардид.

Бо мақсади таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқии рушди системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ дар доираи татбиқи “Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Нақшаи стратегии рушди системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020”, бо мақсади ворид намудани технологияи муосири иттилоотию коммуникатсионӣ, таъмини дастрасии саривақтии иттилоот ва эътимоднокии маълумотҳо оиди солимии аҳолӣ ва фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи лоиҳаи кӯмаки техникии Иттиҳоди Аврупо оид ба мустаҳкам гардонидани системаи иттилоотии тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Системаи ягонаи иттилоотии идоракунии тандурустиро таъсис дод, ки дар заминаи барномаи DHIS2 (барномаи иттилоотии тандурустии маҳаллӣ) аз 1 январи соли 2015 бо таври мустақим (онлайн) фаъолият намуда истодааст.



Таъсиси системаи ягонаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ дар заминаи барномаи компютерии «DHIS2» (барномаи иттилоотии тандурустии маҳаллӣ), ки бо таври мустақим (онлайн) фаъолият дорад, душвориҳои мавҷударо бартараф намуда, дастрасиро ба иттилоот оиди идоракунии тандурустӣ таъмин намуда, сатҳ ва сифати маълумотҳои омори алоқаманд ба сатҳи солимии аҳолӣ ва фаъолияти муассисаҳои тандурустиро тадриҷан беҳтар намуд.

Бояд қайд кард, ки соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии кишвар имрӯз ниёз ба иттилооти саривақтӣ оид ба ташхису табобати бемор, таъмини хизматрасониҳои тиббӣ дар масофа, назорати диспансери электронии беморони аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва коркарди электронии тамоми маводҳои ба соҳаи тандурустӣ мансуби шаҳрвандони алоҳидаро дорад, ки метавонад дар доираи воридсозӣ ва рушди тандурустии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад.

Чорабиниҳои лозимӣ дар ин самт аз ҷониби Гурӯҳи кории Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи банди 3.2 фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.02.2020, № 99 бо ҷалби ҶДММ «Сифат Иннотех Инвест» тавассути истифодаи васеъ аз механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, дар доираи Меморандум бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони вазорату идораҳои алоқаманд оғоз гардида, кумак ва дастгирии шарикон оиди рушдро тақозо менамояд.

Вобаста ба вазъи паҳншавии сирояти коронавирус дар миқёси ҷаҳонӣ 11 марти соли 2020 ҳамчун пандемия тавсиф намудани директори генералии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ Тедрос Адҳаном Гебрейесус ва дар охири моҳи апрели соли 2020 пайдо гардидани сирояти коронавирус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ тамоми фаъолияти худро ба саривақт дастрас намудани иттилоот оиди нафарони дар карантин буда, нафарони зери назорати табибон дар хона ва беморхоаҳо қарор дошта ва беморони гирифтори COVID-19 бо дарназардошти ҳолати воқеъии онҳо ба мақсади идоракунӣ ба роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ду маротиба дар як шабонарӯз равона намуд.

Ҳамзамон, ҷиҳати ба таври фаврӣ расонидани кӯмаки машваратию маслиҳатӣ ба мутахассисони беморхонаҳои вилоятӣ, шаҳру ноҳияҳо, ки оид ба ташхис ва табобати беморони гирифтори COVID-19 фаъолият доранд, аз ҷониби сармутахассисони соҳавии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (реаниматологҳо, пулмонологҳо, сироятшиносон, рентгенологҳо, эпидемиологҳо), бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтоимоии аҳолии кишвар аз 12.05.2020, № 345 Маркази тиббии зеҳнӣ таъсис дода шуда, то имрӯз бештар аз 60 видеоконфронсҳо баргузор гардида, ба беморони дар ҳолати вазмин қарордошта тавсияҳои муфиду саривақтӣ дода шуд.

Ҷиҳати баргузории саривақтии видеоконфронсҳо оиди ташхису табобати беморон ва баргузории ҷаласаҳои Ситод оиди пешгирии воридшавӣ ва паҳншавии сирояти коронавирус Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати тандурустии ш. Душанбе, раёсатҳои тандурустии вилояти Суғду Хатлон (минтақи Бохтар ва Кулоб), ВМКБ бо тамоми таҷҳизоти техникӣ (компютер, принтер, монитор, интернети доимии баландсуръат, видеокамера, ва дигар воситаҳои алоқа) таъмин карда шуданд.

Айни замон барои рушди рақамикунонии соҳаи нигаҳдории тандурустӣ ва ҷорӣ намудани маҷмӯи ягонаи низоми иттилоот, коҳиш додани тартиботи изофавӣ дар ҷараёни идоракунӣ, баланд бардоштани сифати хидматрасонӣ ба аҳолӣ, таъмин сохтани кори самарабахши ходимони тиббӣ, ҳамчунин пурра татбиқ кардани барномаҳои трансформатсияи рақамӣ дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ ва амалӣ гардида истодаанд.

**Сафар САЙФУДДИНОВ**



# БЕМОРИҲОИ ГЕПАТИТӢ

## Омили аслии хуруҷи бемории зарпарвин дар тирамоҳ ва роҳҳои аслии пешгирӣ аз гирифторшавӣ



**Бемориҳои гепатитӣ ва хоссатан зарпарвин дар гузаштаву имрӯза ба яке аз маризиҳои хавфнок миёни ҷомеаи башарӣ дониста шудааст. Хоссатан бемории зарпарвин, ки бештар миёни тоифаи атфол хуруҷ менамояд, ба яке аз мушкилоти ҳалпазири соҳаи тандурустӣ боқӣ мондааст.**

Вале бо ҷаҳду талоши олимон ва дар умум ходимони соҳаи тандурустӣ доманпаҳннамоии бемориҳои гепотитӣ миёни ҷомеаи сайёра коста гардидааст, вале ҳамоно гирифтории ҳазорон нафар ба ин маризӣ ҳамоно мушкили ҳалпазир дар соҳаи тандурустӣ боқӣ мемонад.

Ба гуфтаи мутахаасисони соҳавӣ бепарвоии сокинон нисбати бемориҳои гепотитӣ ва хоссатан маризии зарпарвин оқибатҳои нохуш дорад, ҳатто ба қайд гирифтани талафоти ҷонӣ бо иллати гирифторӣ ба чунин бемориҳо аз бетаваҷҷуҳии ҷомеа сарчашма мегирад.

Гепатит номи умумии бемориҳои вирусии ҷигар аст, ки солҳои охир кашф шудани навъҳои гуногуни вирусҳои нави он ва миёни мардум зиёд паҳн гаштани он ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст.

Аз рӯи хулосабарориҳои табибони соҳавӣ замони ошкор гаштани ин вирус дар организми инсон метавонад то 6 – моҳ давом ёбад, ки дар ин давра дар бемор шояд ягон нишонае аз он намудор нашавад. Танҳо баъди ташхиси лабараторӣ хун метавон муайян кард, ки шахс гирифтори бемории гепатит гаштааст, ё не. Азбаски роҳи гузариши аксар навъҳои гепатит аз тариқи хун аст ва алоқаи ҷинсӣ, табибон дақиқ карда наметавонанд, ки ин беморӣ кай ва чӣ тавр ба ҷисми бемор роҳ ёфтааст. Ҳамин аст, ки ҳама гуна амалҳоеро, ки ба бадан ё дохили пӯст, яъне ба хун таъсир расонида мешавад, роҳҳои гузаштани вирусҳои гепотит меноманд. Бемории гепатитҳоро барангезандаашон вирусҳо мебошад ва бо роҳҳои гуногуни вобаста аз вирус, гепатити А даҳонӣ, гепатитҳои В ва С бо воситаи хун ва алоқаи ҷинсӣ сироят мекунанд.

Бо гузашти вақт ва рушди илми тибб то ба имрӯз на танҳо гепатити В, С, балки 7 намуд гепатитҳо ба қайд гирифта шудаанд. Солҳои пеш ҷомеаи башарӣ танҳо аз мавҷудияти гепатити А, ки сабаби паҳншавияш риоя намудани ҳолатҳои беҳдоштӣ аст, огоҳӣ доштанду халос. Вале то ба ҳол гепатити А ва ё худ зарпарвин аз ҳама бештар миёни одамон ва хоссатан тоифаи атфол доман густурдаву мушкилоти калидӣ дар соҳаи тибб дониста мешавад.

Ба гуфтаи мутахассисон зардпарвин ба гурӯҳи бемориҳои гипотити дохил шуда, дар натиҷаи гирифторшавии шахс ба ин беморӣ, зардӣ бештар ба назар мерасад. Ҳамин аст, ки миёни ҷомеаи тоҷик он зарпарвин номгузорӣ гардидааст. Ҳангоми ба ин беморӣ гирифтор шудани шахс ҳуҷайраҳо ва кори ҷигар вайрон шуда, моддаи билирубинро ба пӯст ва дигар узвҳои бадан медиҳад. Яъне пӯсти бадан, сафедии чашм луопардаҳо зард шуда, ранги пешоб сурхча, ранги ахлоқ сафед мешавад. Дар баробари ин беморро беҳолӣ бемадорӣ, қайкунӣ, гум шудани иштиҳо, баланд шудани ҳарорати бадан давоми ду ҳафта азият медиҳад. Зарпарвин дар натиҷаи ба узвҳои дохилӣ ворид шудани вирусҳо пайдо мешавад. Вирусҳо бошад ба воситаи дастони ношӯста, истеъмол кардани сабзавоту меваҷоти ношӯста, бо дастони ношӯста хӯрдани ғизо, оби ноҷӯшида истеъмол намудан ба организми инсон ворид шуда, давоми 14 рӯз давраи ниҳоии худро мегузаронанд.

Бар замми ин дар фасли тирамоҳ ва зимистон вирусҳо қавӣ шуда, ҳангоми сироят ёфтани шахс ба дигарон сироят мекунад. Риоя нашудани қоидаҳои беҳдошт, ки миёни тоифаи атфол бештар сурат мегирад зарпарвин бештар ин тоифаи инсониро таҳдид менамояд. Аз ин хотир ин беморӣ бештар дар кӯдакон дида мешавад. Ҳама гуна ташхиси гепатитҳои вирусӣ дар натиҷаи ташхиси махсуси лабораторӣ муайян карда мешавад. Яке аз сабабҳои ба беморӣ гирифтор шудани одамон ин вирусҳои сирояткунанда мебошанд. Марҳилаи табобати беморӣ дар зери назорати духтури сироятшинос бояд сурат бигирад. Зеро вақте фаъолияти ҷигар вайрон шудааст, ҳазми хӯрок низ душвор мегардад. Ҳамин аст, ки мутахассисон барои гирифторони чунин навъи беморӣ истеъмоли ғизоҳои сабук тавсия дода, ҳаракати зиёдро манъ мекунанд. Баъд аз табобати бемории зарпарвин маводҳои доруворие, ки барои пурра барқарор кардани кори ҷигар ва дигар узвҳои ҳозима мусоидат мекунад тавсия дода шудааст.

### Нишонаҳои гирифторӣ ба беморӣ

Беҳолӣ, камхурокӣ, сурх шудани ранги пешоб аз нишонаҳои аслии гирифторӣ ба бемории мазкур дониста мешавад. Бино ба гуфти масъулин ин беморӣ бештар дар оғоз ва анҷоми фасли зимистон зиёд мешавад ва сокинон боя худро эҳтиёт намоянд. Бино ба гуфти мутахассисони соҳа мариз пас аз рухсат шудан аз беморхона давоми 6 моҳ ҳар моҳ як маротиба ва баътар давоми се моҳ як маротиб пасон давоми як сол як маротиба аз ташхис гузаронида шавад.

### Парҳез ва истеъмоли хурокҳо барои гифторони беморӣ

*1. Ба бемор ҳаммаи намуди меваҳо ва сабзавотҳо тавсия дода мешавад.*

*2. Равғани растанӣ ва равғани гов мувофиқи соли кӯдак.*

*3. Нони нарм.*

*4. Чойи ширин.*

*5. Ҳар гуна хӯришҳои сабзавотӣ: памидор ва бодаринг.*

*6. Намудҳои гуногуни мураббо ва шарбат аз меваҳо.*

*7. Аз маҳсулоти ширӣ: Айрон, курут, чакка.*

Баъзан вақт баъд аз бемории зардпарвин организм базе маҳсулотро (апелсин, мандарин, қулфинай тухм) қабул карда наметавонад. Барои ҳамин аз истеъмоли ин намуди маҳсулотҳо худорӣ бояд кард. Ба беморон, ки бемории зардпарвинро аз сар гузарондаанд, дар мӯҳлати муайян истеъмоли чунин маҳсулотҳо қатиян маън аст:

Беэътиборӣ метавонад барои авҷ гирифтан ва зиёд шудани шумораи беморон мусоидат намояд. Ҳамин аст, ки риояи қоидаҳои беҳдошт ва интихоби ҳаёти солим тавсияи аввалини табибон дониста мешавад.

**Суғдмеҳри МАЪРУФЗОД**

---

**МАВСИМИ ЗУКОМ**

# ЗУКОМ БЕМОРИИ

**Бо фарорасии фасли тирамоҳ, ки тағйирёбии зуд-зуди ҳаво, боду борон, намнокӣ оғоз мешавад, бемориҳои музмин ва зуком хурӯҷ мекунанд. Аз рӯи таҳқиқотҳои илмӣ дар тирамоҳ ҳама бемориҳое, ки дар шакли музмин қарор доранд, шадидтар мешаванд ва ба рӯҳияи инсон таъсири манфӣ мерасонанд. Дар баробари авҷи бемории зуком бемориҳои мавсимӣ, ба монанди хастагӣ, холобудӣ, депрессияи тирамоҳӣ, касалиҳои вирусии роҳҳои болоии нафас, бемориҳои системаи мушакҳо, ҳассосияти пӯст ва афзоиши вазн низ ба мушоҳида мерасанд.**

Бо омадани мавсими сармо шумораи гирифторони зуком меафзояд. Баъзеҳо барғалат зукомро бемории сабук мепиндоранд, ки дар натиҷаи чунин беэътиноӣ гирифтори илтиҳоби шуш, ангина, гайморит, бронхит, миокардит, дарди гӯш ва ғайра мегарданд. Ин дар ҳолест, ки зуком бемории шадиди сироятии роҳҳои нафас буда, барангезандааш вирус мебошад. То ҳол олимони соҳа зиёда аз 2000 навъи вируси зукомро муайян кардаанд. Аз рӯи маълумоти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, ҳар сол зуком дар ҷаҳон боиси ба бемориҳои вазнин дучор шудани 3-5 миллион нафар ва фавти 390- 650 ҳазор нафар мегардад.

Ба ин беморӣ ашхоси тамоми синну сол, алалхусус, кӯдакону пиронсолон, ки масунияти заиф доранд, гирифтор мешаванд. Зуком он тавре, ки баъзеҳо мепиндоранд, бемории сабук нест. Он аз шахси бемор тавассути сулфаю атса зуд ба атрофиён паҳн мешавад. Шахси сироятшуда барои аҳли хонавода ё ҳамкорон манбаи паҳнкунии беморист. Зимни сироятёбӣ, пеш аз ҳама, узвҳои нафаскашӣ осеб мебинанд. Вируси беморӣ ба бронх-ҳо ворид шуда, бо мурури вақт ба системаи асаб, дилу рагҳо ва ғайра таъсири манфӣ мерасонад.

Ба гуфтаи мухатассисони соҳавӣ яке аз сабабҳои асосии пайдоиши бемориҳои мавсимӣ- ин системаи заифи иммунитет мебошад. Инчунин дар фасли тирамоҳ мубодилаи моддаҳо дар организми инсон камтар шуда, масунияти бадан ва тобоварии он ба аксари бемориҳо суст мешавад. Камтар шудани гармии Офтоб, омезиши сардию гармии шабонарӯзӣ, фаро расидани сардиҳои субҳгоҳӣ ва дигар хусусияти табиии фасли тирамоҳ ба ин сабаб мегарданд.

Табибиони соҳави таъкид медоранд, ки саломатии инсон аз боду ҳаво вобастагии баланд дорад. Тағйир ёфтани ҳаво, яъне ҳавои гарм, хокбориш ва паст гардидани ҳарорат метавонанд боиси бемориҳои мавсимӣ, аз қабили дилу рагҳо, диққи нафас, диабети қанд,

# ПСАРИАЗМ БЕМОРИЕ, КИ НАЗДИКИ 3% АҲОЛИИ САЙЁРАРО АЗИЯТ МЕДИҲАД

Псариазм дар натиҷаи афзоиши аз ҳад зиёд ва ғайримуқаррарии эпидермис, қабати болоии пӯст ба вуҷуд меояд. Солҳои охир бо ба даст омадани дасторвадҳои илмиву амалӣ дар соҳаи тибб табобат хеле самаранoктар шудааст. Псариазм бемории доманпаҳнкардаест, ки танҳо дар Италия тақрибан 2.6% аҳолиро мубтало кардааст.

Бо дарки ҷиддӣ будани маризӣ ва ҳамоно доман паҳн намудани он миёни ҷомеаи башарӣ 29 октябр ҳамасола дар ҷаҳон Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза алайҳи бемории мазкур қайд карда мешавад.

Аз рӯи таҳқиқотҳои анҷомёта наздики 3% аҳолии курраи замин аз бемории псариазм азият мекашанд.

Агар дар умум ба хусусиятҳои пуст ва бемориҳои мутаалиқ ба он назар афканем, пӯсти инсон аз панҷ қабат иборат буда, аз рӯи ҳаҷму вазн аз узвҳои дигар фарқ дорад. Ҳар моҳ пӯсти инсон як бор ноаён иваз мешавад, ки инсон онро эҳсос намекунад. Агар узвҳо дар маҷмӯъ бадани инсонро ташкил диҳанд, пӯст муҳофизи ҳамаи онҳост. Масалан, нобино ба воситаи ламс кардан сахтию нармии ҷисмҳоро мефаҳмад.

Имрӯз дар ҷаҳон зиёда аз ду ҳазор навъи бемории пӯст сабт шудааст. Яъне агар дар дунё даҳ ҳазор намуди беморӣ бошад, 20-25 дар сади он ба пӯст иртибот дорад. Сабаби пайдоиши бемориҳои пӯст асосан бар асари паёмадҳои оседи физикию кимиёвӣ ва биологианд. Вазъи узвҳои дарунӣ ҳам метавонанд ангезандаи бемориҳо бошанд. Агар мутахассис оид ба фаъолияти узвҳои бадан маълумоти кофӣ надошта бошад, бемории пӯстро муайян намуда наметавонад. Мисол, аломати нахустини касалии қанд дар пӯст пайдо мешаванд. Ранги пӯст дигар шуда, хушк мегардад. Аз пӯст ба кадом бемории узвҳои дохилӣ гирифтор будани шахсро муайян менамоянд, зеро на танҳо унсурҳое, ки дар рӯи пӯст пайдо шудаанд, балки он бемориҳоеро, ки сабаби

**Бемориҳои пуст яке аз қадимтарин маризиҳо маҳсуб ёфта ин навъ бемориҳо дар ҳама давру замон инсониятро ҳамроҳии кардаанд. Яке аз мазириҳои пуст, ки дар ҷаҳони муосир низ боиси нороҳатии миллионҳо нафар бошандагони курраи замин гардидааст, ин псариазм мебошад.**



пайдоиши онҳо гаштаанд, бояд табобат намуд. Ҳар аломате, ки дар пӯст пайдо мешавад, сабаб дорад. Захми меъда ё рӯдаи дувоздаҳангушта ба пайдоиши бемориҳои аллергӣ мусоидат менамоянд. Бар асари он дар бадани инсон саглес пайдо мешавад. Агар соқи пой хориш кунад, мутахассиси хуб нишонаи бемориҳои узвҳои ҳозима будани онро пай мебарад.

Навъҳои бемориҳои пӯст вобаста ба хусусиятҳои хосашон ба бист гурӯҳ тақсим шудаанд. Як гурӯҳ бемориҳои аллергӣ унвон шудаанд, ки бар асари ҳассосияти баланди шахс ба ин ё он мавод пайдо мегардад. Ба ин гурӯҳ бемориҳои шукуфаи тар ва илтиҳоби шадиди пӯст дохил мешаванд. Гурӯҳи дигарро бемориҳои замбӯруғӣ меноманд. Ин беморӣ аз таъсири замбӯруғҳои бемороварбa вуҷуд меояд. Гурӯҳи сеюм дар натиҷаи таъсири вирусҳо пайдо мешавад. Онро бемории вирусии пӯст меноманд, ки аз табхоли одӣ, табхоли фӯташакл ва амсоли ин иборат аст. Дар табиат як гурӯҳи дигари бемориҳо паҳн шудаанд, ки пайдоиши онҳо бар асари микробҳо дониста мшеавад. Як гурӯҳи калони дигар, ки боиси пайдо шудани касалиҳои пӯст мегардад, бемориҳои римнок ҳастанд.

### Псариаз чист?

Ин як бемории илтиҳобии музмин ва такроршавандаи пӯст аст, псариаз бемории музмини дорои хусусияти табиати бисёрфакторӣ ё бо омезиши номатлуби як қатор омилҳо рушд мекунад. Аксар вақт он ҳатто бо тағйироти патологӣ дар системаи мушакҳо тавсиф мешавад. Мутахассисон иброз медоранд, ки беморӣ ба пӯст таъсир мерасонад, ки дар он доғҳои сурх, аз ҳад зиёд хушкшудаи сатҳи пӯст ба вуҷуд меояд.

Псариаз бо зиёд шудани хатари артрити псориатикӣ, лимфомаҳо, бемориҳои дилу раг, бемории крон ва депрессия алоқаманд аст. Аз бемории артрити псориатикӣ то 30 % одамон азият мекашанд.

### Омилҳоигирифторӣ ба беморӣ

*Микробҳо – намудҳои гуногуни занбӯруғҳо, микоплазма;*

*Осеби неврологӣ, стресс;*

*Бемориҳои эндокринӣ – диабети қанд, бемории сипаршакл;*

*Минтақаҳои инфексияҳои музмин, махсусан стрептококк;*

*Норасоии масуният;*

*Таъсири нури офтоб;*

*Ихтилоли гормоналӣ;*

*Осеби пӯст ва буғумҳо.*

Гуфта мешавад дар курраи замин тақрибан 3% одамон ба псариаз гирифтор мебошанд. Псариаз бештар дар синни 10 – 25 солагӣ пайдо мешавад. Он дар кӯдакони 4 – 7 моҳа ва пирони 80 – 82 сола низ вомехӯрад.

Дар аксарияти беморон ҷараёни маризӣ тобистон муваққатан сабук мешавад. Ҳангоми пайдоиши нишонаҳои аввалини иллати пӯст ба духтур муроҷиат кардан зарур дониста мешавад. Беморе, ки дар ӯ псариаз-ро ташхис кардаанд, бояд зери назорати духтур бошад. Бемор бояд аз рӯи таъйиноти духтур табобат мекунанд. Бемор бояд парҳез кунад равғани ҳайвонот ва карбогидратҳо қанд, картошка, нони сафед кам истеъмол карда шавад.

Иқлими гарм, хусусан соҳили баҳр, ки кас дар он аз нури офтоб баҳра мебарад ва оббозию истироҳат баҳри табобат натиҷаи хуб мебахшад. Вале самараи табобат тавассути иқлим аз бисёр ҷиҳат ба шакл ва дараҷаи псариаз вобаста аст, бинобар ин маслиҳати духтур ҳатмист.

Дар мавриди хуруҷи псариаз дар офтоб гаштан ва аз ҳад зиёд гарм шудан боиси вазнин ҷараён гирифтани беморӣ мегардад, таъмир менамоянд табибони соҳавӣ.

**Суғдмеҳри МАЪРУФЗОД**

**МАВСИМИ ЗУКОМ**

# САБУК НЕСТ



фишорбаландӣ ва ғайра гарданд. Нафароне, ки дар ин гуна боду ҳаво аз бемориҳои мазкур ранҷ мекашанд, бояд ба саломатии худ аҳамияти зиёдтар дода, тибқи маслиҳати табибон амал намоянд.

### Нишонаҳои бемории зуком

Шахси бемор табларза шуда, ҳарорати баданаш баланд мегардад, дар мушаку буғумҳо дардро ҳис менамояд, аз сулфаи хушк ё балғамдор азият мекашад, оби биниаш зиёд меравад, димоғаш маҳкам мешавад, дарди гулӯ ва сустию беҳолӣ эҳсос мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо бемор аз дарди гӯш шиква карда, аз иштиҳо мемонад. Баъзе кӯдакон зимни гирифторӣ ба зуком қай мекунанд, сусту беҳол мешаванд. Бемориҳои шадиди роҳи нафас дар натиҷаи шамолкашӣ сар мезанад. Зуком бо роҳи ҳавой- қатрай дар натиҷаи муошират бо бемор сироят мекунад. Нахустин нишонаҳои зуком баъди 3-4 рӯзи сироятёбӣ маълум мешавад.

Зуком яке аз бемориҳои зуд паҳншаванда дониста шуда, он ҳамасола 20-25 дарсади аҳолии ҷаҳонро мариз мегардонад. Бинобар сабаби дар гармӣ зуд маҳв шудани вирусҳои зуком ин беморӣ дар мавсими сармо зиёд дучор мешавад. Вирусҳои зуком ба одамони солим аз сачоқ, болин, косаву табақ, пиёла, қошуқ, инчунин бозичаҳо сироят карда метавонанд. Аксар ҳолатҳо бемор ҳангоми атса задан, сулфидан, муошират намудан вирусҳоро бештар ба атроф паҳн месозад. Шахсоне, ки аз ҳавои бо вирусҳои зуком зарарёфта нафас мегиранд, аз ин вирусҳо сироят меёбанд. Одами гирифтори зуком дар давоми якчанд рӯз ба одамони солими дар атрофашбуда, вируси зукомро паҳн мекунад.

Кӯдакону пиронсолон ва занони ҳомиладорро зурур аст, ки ба ҳуҷраи бемор ворид нашаванд. Ҳеҷ гоҳ аз сачоқу дастрӯймоли бемор истифода набаранд. Бемор набояд бе тавсияи духтур дору истеъмол кунад. Баъзе гирифторони зуком бо мақсади аз сулфа халос шудан аз пеши худ доруҳои антибиотикиро истеъмол мекунанд. Ҳол он ки зуком бемории вирусӣ буда, истеъмоли антибиотикҳо вазъи беморрро мушкил мегардонад. Муолиҷа накардани зуком метавонад боиси илтиҳоби пардаҳои мағзи сар, парда ва бофтаҳои мағзи сар, бронхит, бофтаҳои шуш ва ғайра мегардад. Барои тақвият додани неруи муҳофизатии ҷисм истифодаи иловаҳои дорои витаминҳои А, В ,С, Д, Е муфид аст. Истеъмоли сабзавоту меваҳои тару тоза ё шарбати онҳо барои муқовимат бо беморӣ мусоидат мекунад. Ҳангоми зуком истеъмоли чойи бобуна (ромашка) муфид гуфта мешавад.

**Суғдмеҳри МАЪРУФЗОД**

# ТИББИ ОЯНДА

## ТАҲҚИҚОТИ НАХУСТИНИ ОЛИМОН БАРОИ ТАВЛИДИ ҶИГАРИ НАВ ДАР БАДАНИ ИНСОН





**Олимони амрикоӣ аз ширкати LyGenesis дар борaи оғози таҳқиқоти озмоишии клиникӣ оид ба тавлиди ҷигари кучак дар бадани инсон хабар доданд. Зимни табобати таҷрибавӣ 12 нафар бемoрони дорои норасоии ҷигар дар марҳилаи ниҳоӣ, таҳти назорат қарор гирифта, узви кучак дар гиреҳҳои лимфа бо истифода аз ҳуҷайраҳои донор тавлид карда мешавад. Зимни он 4 нафар бемор якбора 5 узви хурдро мегирад, ки онҳо дар 5 узвҳои гуногуни лимфа тавлид карда мешаванд. Дар назар аст, ки технологияи мазкур дар оянда барои тавлиди ғадуди зери меъда ва дигар узвҳо низ истифода бурда шавад.**

Бинобар норасоии узвҳои донорӣ аксар вақт барои беморони дар навбати трансплантатсия буда, фалокатбор ба анҷом мерасад. Мушкили дигар он аст, ки ҷисми бархе аз беморон аз ин бемориӣ хеле заиф гардида, бинобар ин пайванди узв ба онҳо хатарнок аст. Аз ин рӯ ба роҳ мондан технологияи мазкур метавонад ҳалли инқилобе бошад, ки ҳадаф тавлиди узвҳои кучак дар бадани бемор тавассути интиқоли мақсадноки ҳуҷайраҳои донор мебошад.

Чуноне ки аз натиҷаи таҳқиқоти пеш аз клиникӣ бармеояд: мини-ҷигарҳои мазкур функсияи узвҳои вайроншудаи мушҳо, хукҳо ва сагҳоро муваффақона ҷуброн намуданд. Инак марҳилаи якуми озмоиши клиникӣ бо иштироки 12 беморони гирифтори бемории ҷигар дар марҳилаи ниҳоӣ, ки трансплантатсия ба онҳо тавсия дода намешавад, оғоз гардидааст.

Тавассути технологияи ҷадид бо узви як донор тақрибан 75 бемор метавонад бо табобат фаро гирифта шавад.

Қобили қайд аст, ки ҳатто як узве, ки дигар барои трансплантатсияи пурра мувофиқ нест, метавонад дар ин ҳолат истифода шавад. «Гарчанде баъзе узвҳо барои трансплантатсияи инсон мувофиқ нестанд, аммо ҳуҷайраҳоро метавон истифода бурд», - шарҳ медиҳанд муаллифон.

### Инкубатор дар бадани инсон

Солҳои тулонӣ олимон усулҳои гуногуни интиқоли ҳуҷайраҳоро барои дарёфти дурнамои самаранок ва бехатар барои тавлиди як узви нав озмоиш мекунанд. Таҷрибаҳои гуногун нишон доданд, ки беҳтарин муҳит барои афзоиши ҳуҷайраҳо гиреҳҳои лимфа мебошанд, ки онҳо дорои имкони таъмин намудани миқдори зарурии хун барои инкишофи бофтаҳои нав мебошанд.

Ҳуҷайраҳои донорӣ, ки ба гиреҳҳои лимфа интиқол дода мешаванд, ба узвҳои хурд табдил ёфта, як қисми онҳо метавонанд мустақиман ба ҷигари вайроншуда барои барқарор намудани фаъолияти он мусоидат кунанд. Дар натиҷа чунин усул барои фаъолияти ҷигар кумак намуда, раванди барқароршавӣ оғоз мегардад. Бояд қайд кард, ки узви кучак ба тaври беохир афзоиш намеёбад - дар бадани инсон танзимгари дохилӣ мавҷуд аст, ки хангоми зарурат афзоиши бофтахоро бозмедорад,- шарх медиҳанд олимон.

Ба ихтиёриёни аввал ҳуҷайраҳо бо истифода аз эндоскоп тавассути гулӯ интиқол дода мешаванд. Бо ёрии ултрасадо, вақте ки найча ба гиреҳи лимфаҳои мақсаднок мерасад, табиб ҳуҷайраҳоро тазриқан ворид мекунад. Қаблан, 50 миллион ҳуҷайра ворид карда шуда, баъдан воя ва мавзеи он бештар мегардад – ба чор нафар аз 12 иштирокчӣ бо 250 миллион ҳуҷайра дар панҷ гиреҳи лимфа гузаронида мешаванд. «Агар ҳамааш хуб анҷом ёбад, пас ин чаҳор нафар, ҳар кадом панҷ узви кучаки худро, изофа ба ҷигарҳои осебдидаи худ хоҳанд гирифт», - гуфтанд олимон.

### Тавлиди узвҳои дигар

Технологияи мазкур танҳо бо парвариши ҷигар маҳдуд нашуда, олимон инчунин имкони тавлиди гурда ва ғадуди зери меъдаро бо чунин усул санҷида истодаанд. Омузиши самаранокии онҳо дар доираи таҳқиқоти клиникӣ, дар сурати натиҷаҳои босамари усули мазкур минбаъд низ мавриди омузиш қарор хоҳанд гирифт.

Бешак натиҷаҳо ҳамчун воситаи ёрирасон дар трансплантатсияи органоидҳо низ муфид хоҳанд буд. Чанде пеш олимони Ҷопон аввалин ҷарроҳиро дар бемори гирифтори колити захмӣ, ки трансплантатсияи органоидҳоро аз ҳуҷайраҳои пӯсти бемор тавлид намудаанд, анҷом доданд. Ин амалиёт дар табобати бемориҳои муолиҷанашавандаи захми меъдаю рӯда имкониятҳои куллан ҷадид мекушоянд.

**Таҳияи Ф. ЯҚУБОВА**

# СИРПИЁЗ ВА ДАВОИ ОН БА ШАХСИ БЕМОР



**Сир – сирпиёз (чеснок) – сум, сармисоқ, савм. Дар аксар кишварҳои ҷаҳон мекоранд ва таъму бӯи тунди махсус дорад. Сирпиёз гурӯҳи витаминҳои B, C, Д, йод равандҳои эфир ва дигар моддаҳо дорад.**

Сирпиёз (чеснок) воситаи хубест барои нигоҳ доштани саломатӣ. Ба ғайр аз доштани таъми махсус ва ҳамчун маводи хуштаъмкунанда истифода шуданаш, он инчунин, дорои хусусиятҳои зиёди шифобахшӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки сирпиёз дар тибби мардумӣ хеле васеъ истифода шуда, барои рафъ сохтани бисёре аз бемориҳо мусоидат мекунад.

Таркиби сирпиёз аз пайвастагиҳои азотдор ба монанди натрий, калий, калсий, магний, кремний, кислотаҳои сулфат ва фосфор, витаминҳои C, D, B, моддаҳои истихроҷкунанда, равғани эфир иборат аст.

Бинобар таркиби бойи муолиҷавиаш сирпиёз қодир аст, ки фишори хунро паст намояд, ҳамчунин хусусиятҳои бедардкунӣ, зудбарқарорёбӣ, зиддивирусӣ, несткунандаи кирми меъда, зиддизаҳролудӣ ва ғайра дорад. Дар таркиби сирпиёз элементи селен мавҷуд аст, ки бо хусусиятҳои зиддиоксидантии худ маъруф аст.

Сирпиёз дар таркиби худ беш аз чаҳорсад компонентҳои муфид дорад. Он дар организм холестиринро коҳиш дода, гардиши хунро тез ва фишори хунро паст мекунад, ҳамчунин, дорои хусусияти зиддиилтиҳобӣ мебошад. Сирпиёз метавонад на танҳо зидди пиршавӣ ва ифлосшавии артерияҳои марказӣ, балки артерияҳои канорӣ низ мубориза барад. Дар ҳолати истеъмоли ҳаррӯзаи ду — се донаи сирпиёз натиҷаи дилхоҳ, метавонад ба даст ояд. Ба сирпиёз бӯйи баланди махсусро моддаҳои сулфитдор медиҳанд. Аз ин рӯ, барои раҳо намудани бӯй аз даҳон, пораи лимӯ, шохчаи ҷаъфарӣ (петрушка), тухмии ҳел (кардамон), дорчин (корица) хоидан, ё ин ки даҳонро бо шир чайқонидан тавсия дода мешавад. Сирпиёз масунияти баданро мустаҳкам менамояд, организм қобилият пайдо мекунад, ки бар зидди таъсири зиёноварии муҳити зист мубориза барад. Он метавонад миқдори зиёди бактерияҳоро нобуд созад.

Сирпиёзро ба таркиби дорувориҳои зиёд илова мекунанд. Доруҳое, ки дар асоси сирпиёз омода шудаанд, босамар ҳуҷайраҳои хатарноки саратонро нобуд месозанд.

Бо вуҷуди ин, бояд хотиррасон намуд, ки истифодаи дарозмуддати сирпиёз метавонад боиси нобуд шудани микрофлораи рӯда ва нороҳатии он гардад.

Ҳамчунин, сирпиёз барои табобати харобшавии системаи асаб, бемориҳои пешобдон, инчунин, барои поксозии организм тавсия дода мешавад. Сирпиёз қодир аст, ки варами хатарноки мағзи сарро нест кунад. Ҳамчунин, таъсири мусбати сирпиёз ба фаъолияти дил исбот карда шудааст.

### Табобат бо сирпиёз – дастури мардумӣ

Ҳангоми гирифтор шудан ба бемории исқорбут (цинга) сирпиёзро ба ҳама гуна хӯрок илова карда меҳӯранд ва ё дар алоҳидагӣ бо нон истеъмол мекунанд.

Муолиҷаи дандон бо сирпиёз: сирпиёзро ба ду қисмати баробар ҷудо намуда, ба рӯи даст, он ҷое, ки одатан набзро месанҷанд, бандед. Агар дандони тарафи чап дард дошта бошад, сирпиёзро ба дасти чап бандед, ё баръакс ва пас аз 15-20 дақиқа дард бартараф мешавад.

Барои раҳоӣ аз кирми рӯда: 10 г сирпиёзи тозакардаро бо об ва шири ҷӯш омехта, онро барои микроклизма истифода менамоянд.

Ҳангоми гирифтор шудан ба бемории дарди гулӯ: 1 ғилофаки сирпиёзро реза намуда, ба болояш 1 стакон оби ҷӯш омада рехта, як соат онро нигоҳ медоранд ва баъд истифода мебаранд.

Барои муолиҷаи бемориҳои роҳи нафас: 5 ғилофаки сирпиёзро қима намуда, ба он ҷурғот илова кунед ва то 30 дақиқа нигоҳ доред. Маҳлули омодашударо метавонед дар ҳолати гарм, 1 қошуқчагӣ дар як рӯз якчанд маротиба истеъмол кунед.

Агар дар як рӯз на зиёда аз ду ғилофакашро биҳӯранд, барои аксари одамон он фоида дорад. Вале хӯрдани сирпиёз барои афроди дорои захми меъдаи боз мумкин нест. Ва агар шахси гирифтори гастрит онро зиёд биҳӯрад, дард ва нороҳатӣ эҳсос мекунад.

**"Паёми шифо"**

# СКАНВОРД





Нуронӣ, дурахшон

Равғани чорво

Сарлашкар, сардор

донаи ...

Хафа кардан, озурдан

Сиёҳӣ, тирагӣ

Чӯбдасти мӯйсафедон

Белаёқат, беқобилият

Муносибат, робита

Бародари хӯрди

Тарз, рафтор

Роҳи заминӣ

Хонум, малика

Посбон, дидбон

Модар

бурчи толеънома

Хурӯҷ

Аҷоиб

Хабар доштан, хабардор будан

Шиша, обгина

...ву ишора

Гули сурхранги даштӣ

Давидани бо суръат

Чойи дамида дар бадан

Ҷинси муқобили мард

Пояҳои хушки гандум

...и Сомонӣ

... Твен, нависанда и амрикоӣ

Номи занонаи русӣ

Вазнингӯшӣ

Ошёнаи парранда

Номувофиқ, носозгор

Ҷинси муқобили зан

Харҷ, харочот

Амак

Бонг, фарёд

Нақл кардани достону қисса

Нанг

Нишон

Донишҷӯ

Сӯрохкунанда

Буғӣ кардан

Пишак

Корероба каси дигар вогузоштан

Сукут, тоқат

Бо он чӯбро сӯрох мекунанд

амн, осоиштагӣ

нақлиёти мусофиркаш

Асбоби мусиқии нафасӣ

тамғаи телефон

Қисми аз зону боло

Аҷиб, қафо, муқобили пеш

Андеша, тааммул

Тамғаи ҳавопаймо

Зинапояи ҳавопаймо

Пояи дарахт ва бутта

Тамошо

Вазнинӣ, виқор

хуршед

Луч, бараҳна

Кори хаттии талаба

Хӯ, расм

Даромадгоҳи хона

Шарм, ҳаё

Миёна

Осмон

Чароғ

... Ши Мин

Хандаи талх, писханд

Растани полезии зард

Хатна нашуда

номи мардона

Қарор, паймон

Канали №1 дар Русия

Навъи ранг

Пайвандаки шартӣ

Муқобили беш

Тӯфон, туғёни об

Тамғаи маргарин

...Ланка, ҷазира дар уқ. Ҳинд

садо аз он тарафи телефон

Душман

Воситаи боркашӣ

Картошка бирёни амрикоӣ

Илми шеър

Яке аз чор ёри паёмбар (с)

В, унсури химиявӣ

Хо ... Мин, доҳии Ветнам

Буэнос -..., пойтахти Аргентина

Меваи сершираи зардранг

Тасфи бадан

...ву торо

тими футболи Русия

Мавлоно Ҷалолиддини ...

Моҳи сол

Худои бутпараст он

қисми поёнии рӯй

Оҷиз, нотавон, дармонда

Ҳайвоне, ки ба паланг шабоҳат дорад

Маъдан

Қисса, ҳикоя

# МЕВА ВА САБЗАВОТЕ, КИ НАБОЯД ДАР ЯХДОН НИГОҲ ДОШТА ШАВАНД



## Яхдон таъми онро тағйир ва хосиятҳои фоиданокии онро коҳиш медиҳад

**Яхдон яке аз беҳтарин ихтироъҳои замони муосир буда, ба шарофати он мо аз турш шудани шир, вайрон шудани шӯрбо ва ё об шудани яхмос хавотир намешавем. Ва аксаран меваву сабзавотро низ дар яхдон нигоҳ медорем. Аммо, бино ба гуфтаи мутахассисон, на ҳамаи маҳсулот барои нигоҳ доштан дар яхдон мувофиқ аст.**

### Тарбузу харбуза

Одатан дар рузҳои гарми тобистон ягон мева ба таъми тарбуз ва ё харбузаи болаззат баробар шуда наметавонад. Аммо аксари мо тарбузу харбузаро дар яхдон гузошта ба хатои ҷиддӣ роҳ медиҳем.

Аввалан, онҳо дар яхдон ҷои аз ҳад зиёдро ишғол мекунанд, аммо муҳимтар аз ҳама, яхдон раванди пухта расидани онро бозмедорад, яъне тарбузу харбуза дигар он қадар болаззат нахоҳанд шуд, нисбат ба оне, ки дар ҳарорати муътадил нигоҳ дошта шудаанд. Ғайр аз ин дар ҳарорати паст антиоксидантҳо - моддахои органикие, ки дар таркиби тарбузу харбуза мавҷуданд ва барои организми инсон фоиданоканд, нобуд мешаванд. Аз ин рӯ, агар шумо тарбузу харбузаро барои захира харид намудед, онҳоро ҳатман дар ҳарорати хона нигоҳ доред.

### Картошка

Дар ҳарорати паст карбогидратҳои мураккаби крахмал, ки таркиби картошка аз он хеле бой аст, ба тағйироти кимиёвӣ дучор гардида, ҳангоми пухтан ба картошка таъми хоси ширини худро медиҳад. Барои пешгирии ин ҳолат, картошкаро на дар яхдон, балки дар сабади хуб вентилятсияшуда ё қуттии аз нурҳои бевоситаи офтоб дур нигоҳ доред.

### Асал

Аз сабаби зиёд будани қанд дар таркиби асал дар ҳарорати хона вайрон намешавад, бинобар ин ба яхдон гузоштан шарт нест. Ногуфта намонад, ки ҳангоми хунук шудан асал сахт ва ба мисли кристалл мешавад. Барои ба ҳолати пештарааш баргардонидан, асалро дар зарфи оби гарм, на оби ҷӯшон муддате гузоред.

### Қаҳва

Агар шумо хоҳед, ки субҳ аз як пиёла қаҳваи хушбӯй лаззат бубаред, пас шумо набояд қаҳваро дар яхдон нигоҳ доред. Зеро қаҳва на танҳо таъм ва бӯи худро гум мекунад, балки бӯи маҳсулоти дигари дар яхдон бударо низ ба худ мегирад. Беҳтар аст, ки қаҳваро дар ҳарорати хона, дар зарфе, ки ба таври герметикӣ маҳкам шудааст, дар ҷевон нигоҳ доред.

### Помидор

Аксари мо ҳангоми аз мағоза ё бозор баргаштан помидорро дар яхдон мегузорем, то тару тоза ва мӯҳлати нигоҳдории онро дароз кунем. Бояд ба назар гирифт, ки помидорҳои дар ҳарорати сард нигоҳ дошта маззаи худро гум карда, лазату шаҳдбории онҳо паст мешаванд.

Агар шумо хоҳед, ки помидорҳои харидаатон бомазза бошанд, пас онҳоро дар яхдон нагузоред. Помидорҳои дар ҳарорати хона нигоҳ дошта маззаи хос ва дар яхдон буда маззаи дигар дорад. Зеро ҳарорати паст раванди пухта расиданро суст карда, зимни он ба маззаи он низ таъсир мерасонад. Бинобар ин помидорро ҳатман дар раф ва ҷевони ошхона, ки аз нурҳои бевоситаи офтоб дуранд, нигоҳ доред.

### Бодиринг

Бодиринг ба хунукӣ хеле ҳассос буда, дар ҳарорати муътадил, яъне хона нигоҳ доштани он муфидтар аст. Дар ҳолати дар яхдон нигоҳ доштан таъми он тағир ва хосиятҳои фоиданокиаш коҳиш меёбад.

### Пиёз

Ҳарорати паст ва намии баланд ба пиёз хеле зарарнок буда, ҳангоми каме зиёд нигоҳ доштан пусташ нарм шуда, буйи ногувор мебарорад. Бинобар ин дар ҷои хушк ва аз нури офтоб муҳофизатшуда, дар ҷои хуби ҳаворас нигоҳ доштан беҳтар аст. Пиёзро дар сабади бофташуда, ё турхалтаҳо дар ошхона нигоҳ доштан тавсия дода мешавад.

### Сирпиёз

Сирпиёз ба гурӯҳи он сабзавоте шомил аст, ки ба ҳарорати паст тобовар нест. Нигоҳдорӣ дар яхдон ба дигаргун шудани таркиби ин маҳсулот ва ҳатто ба сабзидан шурӯъ намудани он оварда расонад. Вақте ки ба сардӣ дучор мешаванд, сирпиёз хурд ва нармтар мешавад. Аз ин рӯ, сирпиёзро дар ҷои хушку торик ва ҳаворас, дар ҳарорати хона нигоҳ доред.

### Банан

Мисли дигар меваҳо, бананҳо дар ҳарорати хонагӣ мепазанд ва агар онро дар яхдон гузоред, раванди пухтан қатъ мешавад. Аз ин рӯ, бананҳои сабз бояд дар раф, дур аз нури офтоб нигоҳ дошта шаванд. Бананҳои пухташударо дар яхдон на бештар аз ду рӯз нигоҳ доштан мумкин аст. Одатан ҳангоми ҳарорати паст дар пӯсти банан тағйироти кимиёвӣ ба амал омада, пусти он сиёҳ мешавад.

### Райҳон, бодиён, кашниз, заъфарон, шибит, ҷаъфарӣ ва дигар кабудиҳо

Дар яхдон кабудихо пажмурда шуда, таъми худро гум мекунанд. Беҳтар аст, ки онҳоро дар як стакан бо миқдори ками об дар ҳарорати хонагӣ, дур аз нури офтоб гузоред. Дар ин ҳолат таъми онҳо тағйир наёфта, хосиятҳои фоиданокиашон низ коҳиш намеёбад.

**Таҳияи**
**Фотимаи НУРУЛЛО**

Паёми шифо

МУАССИС:
ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Ҷамолиддин Абдуллозода,** вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ғафур Муҳсинзода,** муовини якуми вазир

**Зулфия Абдусамадзода,** муовини вазир

**Шодихон Ҷамшед,** муовини вазир

**Амирзода Абдухолиқ,** муовини вазир

**Саломуддин Юсуфӣ,** сардори Раёсати таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илм

**Султон Бекмуродзода,** сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Абдулҳаким Холзода,** директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Директори Маркази матбуоти вазорат:**
Эмомалӣ Мирзоев

**Сармуҳаррир:**
Муҳаммадмусои Идрис

**Тарроҳ:**
Сафаралӣ Сатторов

**Ҳайати эҷодӣ:**
Фотима Яқубова, Хусрав Шосаидзода, Фирӯз Шоев, Суғдмеҳри Маъруфзод

Ҳафтанома таҳти №120/РЗ 97 аз 29-уми январи соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

Барои риояи гуногунандешӣ матолибе низ ба табъ мерасанд, ки мухолифи дидгоҳи ҳайати эҷодист. Ба дурустии далелу рақамҳо муаллифон ҷавобгаранд.

Мавод дар шакли электронӣ, дар ҳаҷми на камтар аз 2 саҳифа бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 қабул карда мешавад.

Ҳафтанома дар ҶДММ “Мега–принт” ба табъ расид.
**Теъдоди нашр:** 2500 нусха.
**Нишонӣ:** ш. Душанбе, н.Фирдавсӣ, кӯч. Деҳотӣ 48 69, тел 44-600-60-02